Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу Хироҷ

№30 (1179)
Панҷшанбе, 25 июли соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Вазъи ҷамъоварии ААИ




СЕМИНАР-МАШВАРАТ

## Андозбандии бизнеси хурду миёна ва имтиёзҳои андозӣ

Семинар дар мавзӯи андозбандии бизнеси хурду миёна ва имтиёзҳои андозӣ

с. 7

## Омилҳои пешрафт



Фаъолияти Гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андоз

с. 5

КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

## Муоинаи хронометражӣ

Ҳадаф - муқаррар намудани даромад ва хароҷоти воқеии андозсупорандагон

с. 7

ҚАРЗ ЗИЛЛАТ АСТ

## Бақияи қарзи андозҳо кам мегардад



с. 8

ҶАЛАСАИ МУШОВАРА

## Фаъолият дар партави дастуру супоришҳои Пешвои миллат

### Ҳисобот оид ба натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар нимсолаи якуми соли 2019 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъда

17 июли соли 2019 ҷаласаи васеи ҳайати Мушовараи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо гашт, ки дар он Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Н.М., муовини якум ва муовинони Раиси Кумитаи андоз, сардорони раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, сардорони нозиротҳои андозсупорандагони калон ва миёна, сардорони раёсатҳои андоз дар вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, сардорони нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, муовини Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулмуродзода Карим Гулмурод, сардори шуъбаи назорати иҷрои қонунгузории андози Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Халифазода Муҳаммадризо Ниёз иштирок карданд. Ҷаласаро Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Н.М. ифтитоҳ намуд. Сипас, муовини якуми Раиси Кумитаи андоз А. Солеҳзода оид ба натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар нимсолаи якуми соли 2019 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъда суханронӣ намуд. Ӯ аз ҷумла гуфт, ки мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро роҳнамои кори худ қарор дода, кӯшиш намуданд, ки дар нимсолаи якуми соли 2019 иҷрои нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019»-ро таъмин намуда, бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз мулоқот бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкдорӣ бармеоянд, чораҳои иловагӣ андешанд.

(Давомаш дар саҳ.2-3)

## ПУРСИШНОМА

вобаста ба таҳияи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав




с. 13

# Фаъолият дар партави дастуру супоришҳои Пешвои миллат

## Ҳисобот оид ба натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар нимсолаи якуми соли 2019 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъда

(Аввалаш дар саҳ.1)

Дар нимсолаи якуми соли 2019 нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки ҷамъоварии онҳо ба зиммаи мақомоти андоз гузошта шудааст, ба андозаи 98,6% таъмин гардида, ба ҷойи 5 млрд. 546,7 млн. сомонии пешбинишуда, ба буҷети давлатӣ 5 млрд. 466,6 млн. сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда 80,0 млн. сомонӣ кам ва нисбат ба маблағҳои дар ҳамин давраи соли гузашта ба буҷет воридшуда 416,5 млн. сомонӣ ё 8,2 фоиз зиёд мебошад.

Иҷрои нақшаи воридоти андозҳо ва пардохтҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба андозаи 107,0%, вилояти Хатлон – 102,6%, вилояти Суғд – 102,4% ва шаҳри Душанбе – 100,9% таъмин шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар 12 шаҳру ноҳия иҷрои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ таъмин нагардид. Аз ҷумла, шаҳру ноҳияҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамагӣ 82,4%, Панҷ – 93,4%, Ёвон – 98,5%, Ҳамадонӣ – 95,8%, Фархор – 95,0%, Исфара – 95,0%, Гулистон – 98,7%, Зафаробод – 96,0%, Спитамен – 95,0%, Шоҳмансур – 99,0%, Ваҳдат – 98,3%, Роғун – 90,0% иҷро кардаанд.

Сабабҳои асосии дар шаҳру ноҳияҳои номбаршуда таъмин нагардидани иҷрои нақшаи пешбинишудаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, пеш аз ҳама, ба дараҷаи кофӣ рушд наёфтани иқтисодиёт дар ин шаҳру ноҳияҳо ва дуруст фаъолият накардани корхонаҳои калон ба ҳисоб рафта, дар баробари ин, ҳангоми таҳияи нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ пурра ба инобат нагирифтани ин омилҳо, инчунин, зоҳир шудани саҳлангорӣ ва бемасъулиятӣ аз ҷониби кормандони нозиротҳои дахлдори андоз вобаста мебошад.

Сифатан таъмин нашудани иҷрои нақшаи андозҳо, пеш аз ҳама, ба нисбатан кам гардидани манбаъҳои андозбандии ширкатҳои мобилӣ, аз ҷониби корхонаҳои сементбарорӣ содирот намудани маҳсулот, ки бо меъёри сифрии андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ карда мешавад, кам гардидани даромади корхонаҳои калони истеҳсолӣ, тайи солҳои охир муқаррар гардидани имтиёзҳои иловагии андозӣ ва кам шудани манбаъҳои андозбандии бонус (ба истиснои маблағҳои баҳсӣ) бо дарназардошти аз ҷониби корхонаҳо ба даст наовардани ҳуқуқи истифодаи захираҳои нав вобаста буда, инчунин аз ҷониби кормандони мақомоти андоз дар сатҳи зарурӣ иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, аз ҷумла, пурра татбиқ накардани муқаррароти қонунгузории андоз, дар сатҳи кофӣ таъмин накардани супоришҳои роҳбарияти Кумитаи андоз оид ба пешгирии қонунвайронкуниҳо, сари вақт ва дар сатҳи дахлдор анҷом надодани корҳои назоратӣ, тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ ва дигар омилҳо вобаста мебошад.

**Дар бораи бақияи қарзи андоз ва чораҳо барои рӯёнидани онҳо**

Бақияи қарзи андозҳо дар миқёси ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 июни соли 2019, дар маҷмӯъ, 700,3 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба 1 январи соли 2019 ба андозаи 25,4 млн. сомонӣ кам гардидааст.

Дар давраи ҳисоботӣ бақияи қарзи андозҳо дар 59 шаҳру ноҳия дар ҳаҷмҳои гуногун кам карда шуда бошад ҳам, мутаассифона, дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Роғун 614,7 ҳазор сомонӣ, Сангвор 300,0 ҳазор сомонӣ, Хуҷанд 1,4 млн. сомонӣ, Исмоили Сомонӣ 131,0 ҳазор сомонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ 228,0 ҳазор сомонӣ, Леваканд 769,0 ҳазор сомонӣ, Норак 702,5 ҳазор сомонӣ, Хоруғ 24,7 ҳазор сомонӣ, Дарвоз 77,2 ҳазор сомонӣ, Ванҷ 54,6 ҳазор сомонӣ, Шуъбаи Душанбегии Нозироти андозсупорандагони калон 2,2 млн. сомонӣ ва дастгоҳи марказии Нозироти андозсупорандагони калон 17,3 млн. сомонӣ зиёд гардидааст.

Шумораи андозсупорандагони қарздор ба ҳолати 1 июни соли 2019, дар маҷмӯъ, зиёда аз 36 580 адад, аз ҷумла, шахсони ҳуқуқӣ 9 620 адад ва соҳибкорони инфиродӣ 26 950 ададро ташкил дода, нисбат ба аввали сол 9 430 адад ё худ 25,8% кам гардидааст.

Гарчанде шумораи андозсупорандагони қарздор, дар маҷмӯъ, нисбат ба аввали сол кам шуда бошад ҳам, мутаассифона, дар шаҳру ноҳияҳои Леваканд 30 адад, Панҷакент 23 адад, Айнӣ 16 адад, Шаҳристон 50 адад, Ваҳдат 8 адад, Ҳисор 30 адад, Шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар шаҳри Душанбе 13 адад зиёд гардидааст.

Дар нимсолаи аввали соли 2019 аз тарафи мақомоти андоз нисбати 3657 андозсупорандаи қарздор, дар маҷмӯъ, 4 918 адад қарор дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи умумии 455,6 млн. сомонӣ қабул карда шудааст. Дар ин давра аз ҳисоби қарорҳои мазкур ба буҷети давлатӣ 315,5 млн. сомонӣ ва аз ҳисоби қарорҳои дар соли 2018 қабулгардида, ки иҷрои онҳо дар соли 2019 идома доштанд, 25,5 млн. сомонӣ ворид карда шуда, дар натиҷа маблағи умумии ба буҷет воридкардашуда 341,0 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 44,0 млн. сомонӣ ё худ 14,8 фоиз зиёд мебошад. Шумораи қарорҳои қабулгардида нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 1800 адад ё худ 57,7 фоиз зиёд аст.

Аз 4918 адад қарори дар нимсолаи аввали соли 2019 қабулшуда, иҷрои 2966 адад ё худ 60,3 фоизи он пурра таъмин гардида, шумораи қарорҳои иҷрошуда нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба миқдори 1 456 адад зиёд шуда бошанд ҳам, аммо иҷрои қарорҳо дар сатҳи дахлдор таъмин нашуда, дар як қатор нозиротҳои андоз маблағҳои аз ҳисоби қарорҳо воридшуда ҳамагӣ то 30 фоизи маблағи қарорҳои қабулгардидаро ташкил менамояд.

Тибқи маълумот, агар яке аз сабабҳои асосии сари вақт иҷро нагардидани қарорҳои мазкур, ин пурра ва ба таври дахлдор фаъолият накардани андозсупорандагон, аз ҷониби онҳо тариқи суратҳисоб нагузаронидани амалиётҳои бонкӣ ва дар тавозун надоштани молу мулки барои пӯшонидани уҳдадориҳои андозӣ кифоякунанда ба ҳисоб равад, сабаби дигар аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз ҷиҳати таъмини иҷрои ин қарорҳо наандешидани тадбирҳои зарурӣ ва саривақтии муқаррарнамудаи қонунгузорӣ мебошад.

Ба мақомоти ҳудудии андоз таъкид карда мешавад, ки ҷиҳати кам намудани бақияи қарзи андозҳо ва шумораи андозсупорандагони қарздор, инчунин роҳ надодан ба пайдоиши қарзҳои нави андозӣ, талаботи қонунгузориро дуруст татбиқ намоянд.

Масъалаи дигар ин аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз сари вақт талаб накардан ва дар барномаи Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо ворид нанамудани маълумот оид ба суратҳисобҳои бонкии аз ҷониби андозсупорандагон кушодашуда мебошад, ки ҳолати мазкур ба назорати суратҳисобҳои бонкӣ ва татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо таъсири манфӣ расонида истодааст. Инчунин, дар баъзе мавридҳо аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ низ ҳангоми ба андозсупорандагон кушодани суратҳисобҳои бонкӣ талаботи моддаи 56 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси сари вақт огоҳ намудани мақомоти андоз оиди аз ҷониби андозсупоранда кушодани суратҳисоби бонкӣ риоя ва иҷро намегардад.

Бо дарназардошти ҳолатҳои қайдгардида, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки дар мавриди ба андозсупорандагон пешниҳод намудани мактуби ахборотӣ, дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузорӣ маълумотро оид ба суратҳисобҳои кушодашуда талаб намуда, дар барномаи Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо ворид намоянд ва дар сурати аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ вайрон гардидани талаботи моддаи 56 Кодекси андоз дар хусуси сари вақт огоҳ намудани мақомоти андоз оиди аз ҷониби андозсупоранда кушодани суратҳисоби бонкӣ, нисбати чунин ташкилотҳои қарзӣ тибқи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ чораҷӯӣ намоянд.

Мутобиқи тартиби нави муқарраргардида аз ҷониби Кумитаи андоз минбаъд ҳар моҳ дар барномаи компютерӣ то фаро расии мӯҳлати пешниҳоди эъломияҳои андоз аз арзиши иловашуда барои моҳи минбаъдаи ҳисоботӣ, ҳисобномафактураҳои электронии пешниҳод ва (ё) қабулнамудаи андозсупорандагон ба (аз) харидорони молҳои (иҷрои корҳо ва хизматрасониҳои) онҳо, дар қиёс ба маълумоти мавҷудаи анбори электронии андозсупоранда ва махзани дигар барномаҳои компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо мавриди омӯзиш ва коркард қарор дода мешавад. Дар сурати аз ҷониби андозсупорандагон бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда (аз ҳисоби беасос ба анбори электронӣ дар барномаи компютерӣ дохил намудани молу маҳсулоте, ки воридоти гумрукии онро надоранд ва ё аз дохил низ харидории онро ба роҳ намонда, ҳамзамон, ба истеҳсоли номгӯи чунин маҳсулот машғул намебошанд) ва вобаста ба он, беасос қабул ва ё таҳия намудани ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва ё анҷом додани дигар амалҳо (беамалӣ), ки ин ҳолатҳо боиси баланд шудани эҳтимолияти (хатари) сари вақт ва (ё) пурра пардохт нагардидани маблағи андозҳои андозсупоранда ва контрагенти ӯ мегардад, чунин амалиётҳо яктарафа дар махзани барномаҳои компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо, бекор карда мешаванд.

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз мулоқот бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкдорӣ бармеоянд ва бо дарназардошти таклифу дархостҳои андозсупорандагон бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани хизматрасониҳо ба андозсупорандагон, инчунин, кам намудани алоқаи бевоситаи кормандони мақомоти андоз бо андозсупорандагон, аз 1 июни соли 2019 дар Кумитаи андоз шакли нави хизматрасонӣ, аз ҷумла тавассути модули «Утоқи шахсии андозсупоранда» дар шакли электронӣ тартиб додани санади муқоисавӣ мавриди истифода қарор дода шуд, ки тавассути он андозсупорандагон метавонанд минбаъд санади муқоисавиро бо мақомоти андоз дар шакли электронӣ тартиб диҳанд.

Айни замон, аз ҷониби мутахассисон шакли ҳисобот оид ба шумораи санадҳои муқоисавии дар шакли электронӣ тартибдодашуда ва камбудиҳои ислоҳгардида мавриди баррасӣ ва такмил қарор дошта, дар назар аст, ки ҳисоботи мазкур дар мӯҳлатҳои кутоҳтарин тасдиқ ва мавриди истифода қарор гиранд.

Бо мақсади беҳтар намудани сатҳ ва сифати корҳои назоратӣ, бештар намудани корҳои таҳлилӣ ва ба андозсупоранда бо роҳи ирсоли огоҳинома додани имконияти мустақилона бартараф намудани номутобиқатиҳои дар эъломияҳои андоз ҷойдошта ва дар ин замина, давра ба давра маҳдуд намудани шумораи санҷишҳои андоз, сари вақт рӯёнидани бақияпулиҳои андоз аз ҳисоби корҳои назоратӣ ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз дирӯз дар ҳамин толор ҷаласаи алоҳида баргузор гардида, дар рафти он масъалаҳои муҳими ин қисмати фаъолияти соҳа муфассал баррасӣ шуд, ки натиҷаи он бо қарори ҷаласаи имрӯзаи Ҳайати Мушовараи Кумитаи андоз ба расмият дароварда мешавад.

**Оид ба корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳии мақомоти андоз**

Таҷрибаи маъмурикунонии андоз ва муносибатҳои андозӣ бо андозсупорандагон гувоҳӣ медиҳад, ки анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон, аз ҷумла гузаронидани семинар – машваратҳо, вохӯриҳо, таҳияи намоишҳо бояд самти афзалиятноки фаъолияти соҳа боқӣ монда, ба он таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад.

Солҳои охир мақомоти ан-

# Фаъолият дар партави дастуру супоришҳои Пешвои миллат

## Ҳисобот оид ба натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар нимсолаи якуми соли 2019 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъда

доз кӯшиш карда истодаанд, ки бо мақсади сарфа намудани вақти андозсупорандагон, аз технологияи иттилоотӣ ва барномаҳои компютерӣ бештар истифода намоянд ва тамоми хизматрасониҳои худро дар шакли электронӣ, бе ҳозир шудани андозсупоранда ба мақомоти андоз, ба роҳ монда, корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳиро зиёд ва сифатан беҳтар намоянд.

Дар нимсолаи якуми соли 2019 тибқи нақшаи чорабиниҳои Кумитаи андоз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки андозсупорандагон 1530 семинар – машварат ва вохӯриҳо баргузор шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 70 адад зиёд мебошад.

Инчунин, аз ҷониби мақомоти андоз дар нимсолаи аввали соли 2019 ба воситаи шабакаҳои телевизионии давлатӣ, марказҳои иттилоотӣ, сомонаҳои интернетӣ, радио, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои даврӣ, дар маҷмӯъ, 367 барнома, реклама, эълон ва мақолаҳо нашр ва пахн карда шудааст. Аз ҷумла, тавассути барномаҳои телевизионӣ 96 адад, радио 45 адад барномаҳо пахш ва дар рӯзномаю маҷаллаҳо 39 адад мақола чоп шудааст.

Масъалаи баланд бардоштани сатҳ ва пайваста беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон яке аз масъалаҳои муҳимтарини фаъолияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Бо мақсадҳои зикршуда сомона ва почтаи электронии Кумитаи андоз, инчунин Бахши иттилоотии Кумитаи андоз (Контакт-сентр) бо истифодаи рақамҳои содакардашудаи телефонии "151, 152" ва телефони боварии Раиси Кумитаи андоз "233-09-05" ба роҳ монда шуда, дар нимсолаи якуми соли 2019 ба Бахши иттилоотӣ 22358 муроҷиати телефонӣ ва электронӣ оид ба масъалаҳои хизматрасонӣ ва андозбандӣ ворид гардидааст, ки нисбати хамин давраи соли гузашта 2776 адад зиёд буда, 577 адади ин муроҷиатҳо ба шахсоне, ки усули "Чат"-ро истифода намудаанд, рост меояд.

Инчунин, дар ин давра 446 адад муроҷиат тавассути почтаи электронии Кумитаи андоз (info@andoz.tj) ва 2976 адад муроҷиат ҷиҳати гирифтани маълумот оид ба рақами мушаххаси андозсупоранда бо рақами содакардашудаи "152" ворид гардидааст. Аз шумораи умумии муроҷиатҳо ба шаҳри Душанбе 13025 адад ё худ 58,3%, вилоятҳои Суғд 2732 адад ё 12,2%, Хатлон 2764 адад ё 12,4% ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 95 адад ё 0,4% рост меояд.

Дар ин давра бештари муроҷиатҳо ба татбиқи модули нави барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андоз "Утоқи шахсии андозсупоранда" – 6050 адад (27,0%), тартиби дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз арзиши иловашуда ва таҳияи ҳисобнома-фактураҳо оид ба андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо – 3220 адад (14,4%), дуруст истифода кардани "Анбори электронӣ" – 2755 адад (12,3%), андозбандии хоҷагиҳои деҳқонӣ – 901 адад (4,2%), дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо аз молу мулки ғайриманқул – 616 адад (2,8%), дуруст ҳисоб ва пардохт намудани маблағи патент ва бақияи қарзи он – 534 адад (2,4%), оид ба тартиб додани санади муқоисавӣ – 422 адад (2,0%) ва татбиқи имтиёзоти андозӣ – 407 адад (1,8%) рост меоянд, ки дар маҷмӯъ, 14906 адад ё 66,7 фоизро ташкил медиҳанд.

Бинобар ин, мақомоти худудии андозро зарур аст, ки ба ин самтҳои фаъолият бештар аҳамият дода, корҳои фаҳмондадиҳиро дар байни андозсупорандагон вобаста ба масъалаҳои қайдгардида бештар ва сифатан беҳтар намоянд.

Бояд тазаккур дод, ки дар нимсолаи якуми соли 2019 тавассути рақами телефони "151" ва рақами телефони боварии Раиси Кумитаи андоз 179 шикоят ворид гардидааст, ки нисбати ҳамин давраи соли 2018, дар маҷмӯъ, 123 адад зиёд мебошад. Аз шикоятҳои воридгардида, ба нозиротҳои андози ноҳияҳои шаҳри Душанбе (бо дарназардошти шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна) 56 адад (31,3%), вилоятҳои Суғд 33 адад (18,4%), Хатлон 60 адад (33,5%) ва Кумитаи андоз 6 адад (3,4%) рост меояд. Ҳамаи шикоятҳои воридгардида тибқи дастуру супоришҳои роҳбарияти Кумитаи андоз мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Тибқи дастури супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкдорӣ санаи 10 майи соли 2019 баён доштанд, ба раванди гузариши андозсупорандагон ба тартиби пешниҳоди электронии эъломияҳо тақвият бахшида шуда, аз 13 майи соли ҷорӣ ба даст овардани сертификати имзои электронии рақамӣ ҷиҳати дар шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз ройгон ба роҳ монда шуд. Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияҳои худро тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд, дар нимсолаи аввали соли 2019 ба андози 15960 адад зиёд карда шуда, дар айни замон зиёда 94,0 ҳазор субъекти хоҷагидор (85% шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии бо шаҳодатнома амалкунанда (ба истиснои хоҷагиҳои деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ) эъломияҳои худро бо ин тартиб пешниҳод намуда, ба 102573 соҳибкори инфиродие, ки тариқи патент фаъолият менамоянд (100%), оид ба ҳисоби уҳдадории андозӣ ва пардохти онҳо аз ҷониби мақомоти андоз тариқи электронӣ хизмат расонида мешавад. Дар натиҷа, то имрӯз, дар маҷмӯъ, зиёда аз 196 ҳазор андозсупоранда аз тартиби мазкур истифода карда истодаанд.

Дастуру роҳнамоиҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моро вазифадор менамояд, ки бе халалдор намудани низоми фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, аз манбаъҳо ва захираҳои мавҷуда бо касбияти баланд ва самаранок истифода намуда, уҳдадориҳои мансабии худро доир ба иҷрои нишондиҳандаҳои қисми даромади Буҷети давлатӣ таъмин сохта, ба боварии Сардори давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовор бошем.

***Дар ҷаласаи васеи Мушовараи Кумитаи андоз ба ғайр аз масъалаҳои номбаршуда, инчунин, масъалаҳои маъмурикунонии андоз аз фоида, андоз аз арзиши иловашуда ва масъалаи андозбандии молу мулки ғайриманқул баррасӣ гардиданд. Оид ба ҳамаи масъалаҳои баррасишуда ҷаласаи Мушовара қарорҳои дахлдор қабул кард.***

---

КОРҲОИ ФАҲМОНДАДИҲӢ

# Маълумоти носаҳеҳ

**Тавре аз маълумоти пешниҳоднамудаи корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти зераксизӣ бармеояд, истеҳсол ва фурӯши оби ҷав (пиво) кам шудааст. Оё дар ҳақиқат ҳамин тавр аст?**



Бо мақсади муайян кардани ҳақиқати ҳол ва воқеияти кам шудани истеҳсол ва фурӯши оби ҷав, дурустии ҳисобу пешниҳоди андозҳо аз ҷониби ин коргоҳҳо дар Раёсати андози вилояти Суғд бо иштироки роҳбарон, сармуҳосибон ва дигар масъулони корхонаҳои истеҳсоли оби ҷав ҷаласаи корӣ баргузор гардид. Мутаассифона, дар ҷаласа на ҳамаи роҳбарони корхонаҳои истеҳсоли мазкур иштирок доштанд. Аммо ба ҷаласа ба ҷои сардори баъзе корхонаҳо ёрдамчиёни онҳо, яъне нафароне, ки ба истеҳсолоти коргоҳ ягон муносибат ва маълумоте ҳам надоштанд, омада буданд. Ин ҳолат худ далели бемасъулият будани баъзе роҳбарони коргоҳҳои истеҳсоли оби ҷав ҳамчун андозсупоранда мебошад.

Тавре дар ҷаласа иттилоъ дода шуд, айни ҳол дар вилояти Суғд 15 корхонаи истеҳсолу фурӯши оби ҷав ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд.

Аз таҳлилҳои мақомоти андоз бармеояд, ки дар шашмоҳаи аввали соли 2018 дар корхонаҳои ба истеҳсоли маҳсулоти зераксизӣ машғулбудаи вилояти Суғд истеҳсоли оби ҷав 31660,00 дал ва фурӯши он 16668,70 далро ташкил додааст. Дар ҳамин давраи соли 2019 истеҳсол ба 16185,00 дал ва фурӯши оби ҷав ба 6170,52 дал баробар шудааст. Яъне дар нимсолаи якуми соли 2019 дар вилояти Суғд истеҳсоли оби ҷав 15475,00 дал ва фурӯши он 10498,18 дал кам шудааст.

Вақте дар ҷаласа роҳбарияти мақомоти андози вилояти Суғд аз роҳбарону сармуҳосибон ва масъулони корхонаҳои истеҳсоли оби ҷав сабаби кам шудани ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулотро пурсон шуданд, онҳо баҳонаҳои беасос пеш оварданд. Ва ҳатто моҳи Рамазонро низ дар кам шудани истеҳсолу фурӯши маҳсулоташон сабабгор донистанд. Ҳол он ки соли гузашта дар моҳи Рамазон истеҳсолу фурӯши оби ҷав ва пардохти андозҳо аз ҷониби ин коргоҳҳо нисбати имсола хеле беҳтар буд.

Бояд таъкид намуд, ки дар асоси Паёми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26.12.2018 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти зераксизӣ, аз ҷумла оби ҷав зери мораторий қарор гирифтаанд. Яъне ба ин корхонаҳо бо мақсади рушди истеҳсолот, зиёд намудани истеҳсолу фурӯши маҳсулот ва таъсиси ҷойҳои кори нав имтиёзҳои андозӣ дода шудааст. Мутаассифона, дар ҷавоб ба ин ғамхориҳо сарварони корхонаҳои зикршуда имрӯз дар ҳисобу пардохти андозҳо ба қонуншиканӣ роҳ медиҳанд. Азбаски кормандони мақомоти андоз ва дигар мақомоти дахлдор, бино бар эълон шудани мораторий, имкони ворид шудан ба ин коргоҳҳоро надоранд, баъзе аз сарварони корхонаҳои истеҳсоли оби ҷав аз ин имконият истифода карда, ба хотири ҳарчи бештар фоида дидан ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, шумораи корганрон, андозҳои пардохтшавандаро воқеӣ ва дуруст нишон намедиҳанд. Дар натиҷа вазни қиёсии андозҳои пардохтшаванда ва ҳаҷми онҳо хеле паст рафтааст.

Дар ҷаласаи корӣ аз ҷониби роҳбарияти раёсати андози вилоят ба нозирони мутасаддии соҳа супориш дода шуд, ки минбаъд бо мақсади муайян кардани ҳаҷми воқеии маҳсулоти истеҳсолшуда ва бафурӯшбаровардаи корхонаҳои истеҳсоли оби ҷав ба доштани борхати маҳсулоти интиқолёбанда, истифодаи МНХ дар нуқтаҳои фурӯши он назорати ҷиддиро ба роҳ монанд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

ҶАМЪБАСТ

# Теъдоди соҳибкорон афзуд, аммо...

**Сардори Раёсати андоз дар ВМКБ Уқболшо Додихудоев зимни таҳлилу баррасии фаъолияти шашмоҳаи мақомоти андози вилоят изҳор намуд, ки қатъи фаъолияти андозсупоранда ба манифати мақомоти андоз нест. Баръакс нозиротҳои андоз кӯшиш мекунанд, ки ҷавононро ба ин шуғл бештар ҷалб намоянд, то бо ҳамин роҳ шумораи бекориро коҳиш диҳанд ва ҳам ба буҷаи маҳаллӣ маблағҳои иловагӣ зам кунанд.**

Дар нимсолаи аввали соли равон теъдоди соҳибкороне, ки бо патент фаъолият мекунанд, ба 2169 нафар расид, ки 208 нафари онҳо дар муқоиса бо соли гузашта бештар мебошад. Дар ин давра дар аксарияти ноҳияҳои вилоят шумораи соҳибкорон афзоиш ёфта бошад ҳам, вале пардохти маблағи патент дар баъзе ноҳияҳо нисбат ба соли гузашта баръакс кам шудааст.

Дар ноҳияи Роштқалъа ба ҳар соҳибкор 18,82 сомонӣ,Шуғнон 23,95 сомонӣ,Ванҷ 3,24 сомонӣ ва Рӯшон 2,83 сомонӣ пардохти маблағ коҳиш ёфтааст. Маблағи пардохтшудаи патент дар нимсолаи соли равон ба як соҳибкор 80 сомонию 18 дирамро ташкил дод.Аммо нишондиҳандаи пасттарин дар ноҳияҳои Роштқалъа ва Ишкошим ба қайд гирифта шуд, ки мутаносибан 23,04 сомонӣ ва 53,10 сомониро дар бар мегирад. Ҳарчанд шумораи соҳибкорон рӯ ба афзоиш ниҳодаву маблағи патент ҳам зиёд шудааст, аммо нақшаи тасдиқшуда ҳамагӣ ба андозаи 64,3 фоиз ба иҷро расидааст.

Дар пардохти андози иҷтимоӣ низ камбудиҳои ҷиддӣ ба назар мерасад. Маблағи андози иҷтимоии соҳибкороне, ки бо шаҳодатнома фаъолият мекунанд, аз ҳадди ниҳоии пардохти андози иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ бо истифода аз коэффисиентҳои минтақавӣ ҳамагӣ 124 сомониро ташкил медиҳад, ки 88 сомонӣ кам мебошад.

Ҳанӯз ҳам истифодаи ғайррасмии қувваи коргарони кироя дар байни соҳибкорон вуҷуд дорад. Ин маънои онро дорад, ки соҳибкор коргаронро кироя мекунад, аз қувваи онҳо истифода менамояд, аз музди меҳнат таъмин мекунад, аммо дар эъломияи худ сабт намекунад. Бо ин васила буҷа аз маблағи андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ маҳрум мемонад. Дар шаш моҳи соли равон дар ҳуҳуди вилоят ҳамагӣ 270 коргари кироя аз тарафи нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят сабти ном шудааст ва аз ин ҳисоб ба буҷа 355,6 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст. Назар ба соли гузашта 18 нафар коргари кироя афзуда, маблағ аз ин намуди андоз 230 ҳазор сомонӣ бештар ба буҷа ворид гаштааст.

Мутобиқи баъзе аз рақамҳое, ки нозиротҳои андози ноҳияҳои Ишкошим ва Мурғоб пешниҳод кардаанд, маблағи музди меҳнати коргарон 213 сомонӣ ва 88 сомониро ташкил медиҳад, ки аз ҳадди ниҳоии пардохти музди меҳнат дар ҷумҳурӣ пасттар аст.

Умед дорем, ки кормандони мақомоти андози вилоят бо соҳибкорон минбаъд корҳои фаҳмондадиҳиро бештару дурусттар ба роҳ мемонанд ва ба ин васила аз қонунвайронкуниҳои андозӣ пешгирӣ менамоянд.

**Довари БОВАР**

# Андозбандии бизнеси хурду миёна ва имтиёзҳои андозӣ




Дар семинар сардори шуъбаи рушди маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собир Вазиров баромад намуда, дар бораи бақайдгирии давлатии бизнес, системаи андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, имтиёзҳои андозӣ ва маъмурикунонии андоз маълумот дод.

Мавсуф қайд намуд, ки тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009 №508 бақайдгирии фаъолияти соҳибкорон аз ҷониби мақомоти андоз аз рӯи принсипи «Равзанаи ягона» амалӣ мешавад. Тибқи ин қонун баъди пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ соҳибкороне, ки тибқи патент мехоҳанд фаъолияташонро ба роҳ монанд, дар давоми се рӯз ба қайди давлатӣ гирифта хоҳанд шуд. Инчунин, соҳибкорони инфиродие, ки тариқи шаҳодатнома мехоҳанд фаъолияташонро ба роҳ монанд, метавонанд дар давоми панҷ рӯзи баъди пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба қайд гирифта шаванд.

С. Вазиров мақсади рушди маъмурикунонии андозро, пеш аз ҳама, дар кам кардани хароҷоти маъмурӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз, кам кардани алоқа байни андозсупоранда ва корманди мақомоти андоз ва хизматрасонии сифатнок ба андозсупорандагон маънидод намуд. Ӯ қайд намуд, ки аз 1-уми январи соли 2018 пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатӣ тариқи электронӣ ба роҳ монда шуд. Инчунин, дар ин сол тариқи реҷаи мустақим (онлайн) ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ додани рақами мушаххаси суғуртавӣ ва рамзи оморӣ ба роҳ монда шудааст, ки амали мазкур дар муҳлати як рӯзи корӣ анҷом дода мешавад.

Бояд гуфт, ки тибқи тағйирот дар қонунгузории андоз, бекор намудани пардохти боҷи давлатӣ барои анҷом додани амали бақайдгирии давлатии таъсисёбии (барҳамдиҳӣ, қатъи фаъолият) ташкилотҳои тиҷоратӣ, ғайритиҷоратӣ, шахсони воқеии тибқи патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда, додани нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатӣ, инчунин, ройгон пешниҳод намудани иқтибос ва маълумотнома оид ба мавҷуд набудани маълумот дар бораи ҳар як субъект аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ иборат мебошад.

С. Вазиров дар бораи хизматрасониҳои сомонаи Кумитаи андоз –andoz.tj маълумот дода, гуфт, ки танҳо дар як моҳ 350 ҳазор нафар аз ин сомона дидан карда, 80 ҳазор нафар аз утоқи шахсии андозсупоранда истифода намудаанд, ки аз ин 37 ҳазор нафарро соҳибкори инфиродӣ ташкил медиҳанд. Андозсупорандагон метавонанд минбаъд тавассути сомонаи Кумитаи андоз бо истифода аз барномаи “Ҳисобкунаки андоз” маблағи андози худро ҳисоб ва бо кортҳои бонкӣ онро пардохт намоянд. То имрӯз аз 235 нуқтаи хизматрасонии БДА “Амонатбонк” қабули маблағҳо аз шаҳрвандон ва андозсупорандагон тавассути барномаи махсуси компютерии Системаи иттилоотии андоз “Қабули пардохтҳо аз оператори Амонатбонк” ба роҳ монда шудааст.

Қайд гардид, ки Кумитаи андоз аз нимаи дуюми моҳи декабри соли 2017 сар карда, ба марҳалаи нави қабули муроҷиати шаҳрвандон ба воситаи Маркази тамос шурӯъ намудааст. Дар нозиротҳои андози 27 шаҳру ноҳия утоқҳои алоҳида (терминалҳо) кушода шуда, бо дастгоҳҳои компютерӣ ҷиҳозонида шудаанд.

Дар идомаи ҷаласа дар бораи имтиёзҳои андозӣ сухан рафт. Зикр шуд, ки дар Тоҷикистон ҳавасмандгардониҳои фискалӣ ва ғайрифискалӣ амал мекунад, ки 85 фоизи онро ҳавасмандгардониҳои фискалӣ ташкил медиҳанд. Инчунин, дар самти низоми андоз пайваста ислоҳот гузаронида мешавад. Аз ҷумла, тибқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо баён гардид, ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои миллӣ, консепсияи иқтисодиёти рақамӣ ва дар ин замина ҷалби бештари сармояи ватанию хориҷӣ лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав таҳия карда мешавад.

Дар охир, миёни иштирокдорони семинар мубодилаи афкор сурат гирифт.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# США обеспокоены новыми налогами на цифровых гигантов во Франции

## Вашингтон собирется провести расследование в отношении подготовленного во Франции законопроекта

Власти США намерены провести расследование в отношении разработанного во Франции проекта закона, устанавливающего новые правила налогообложения для цифровых гигантов, сообщил представитель США по торговым переговорам Роберт Лайтхайзер, пишет газета «Коммерсантъ».

Французский закон устанавливает 3%-ый налог на общую годовую прибыль компаний, которые предоставляют цифровые услуги пользователям. При этом доход предприятия должен быть не меньше 750 млн ев в целом по миру и 25 млн евро во Франции.

По словам Лайтхайзера, американские предприятия лидируют в сфере цифровых услуг. «Президент поручил нам изучить последствия этого законодательства и выяснить, является ли он дискриминационным или необоснованным, обременительным или ограничивающим торговлю США», — отмечается в его сообщение. Готовящиеся поправки вызывают беспокойство в США.

http://taxpravo.ru



**Кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Кӯлоб дар нимсолаи аввали соли 2019 нақшаи воридоти андозҳоро ба буҷет 104,8 фоиз иҷро намуданд. Дар ин давра ба ҷойи 51045,0 ҳазор сомонии нақшаи пешбинишуда ба буҷети давлатӣ 53490,7 ҳазор сомонӣ маблағ ворид намуданд, ки нисбат ба нақша 2445,7 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.**

# Натиҷаи шашмоҳа

Тавре аз нозироти андози шаҳр иттилоъ доданд, нақшаи андози иҷтимоии ғайрибуҷети ба андозаи 100,5 фоиз иҷро гардида, ба ҷойи 12367,6 ҳазор сомонии нақша ба суратҳисоби Раёсати Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 12429,3 ҳазор сомонӣ ворид шудааст.

Тибқи маълумоти дастрасгардида бақияи қарзи андоз дар шаҳри Кӯлоб ба санаи 1 январи соли 2019-ум 19365,1 ҳазор сомониро дар бар мегирифт. Дар натиҷаи талошҳои пайвастаи кормандон бақияпулиҳои қарзи андоз кам гардида, ба 19308 ҳазор сомонӣ расонида шуд. Ҳарчанд дар шаҳри Кӯлоб бақияпулиҳои қарзи андоз кам гардида бошад ҳам, мутаассифона, аз ҷониби баъзе аз ташкилоту муассисаҳои фаъолияткунанда қарзи андоз дар ҳолати афзудан қарор дарад. Масалан, КФД «Обу ташноби шаҳри Кӯлоб»- дар назди буҷети давлатӣ ба маблағи 1190 ҳазор сомонӣ қарздор мебошад. ҶСК «Пахтаи Кӯлоб» низ дар назди буҷет ба маблағи 36,0 ҳазор сомонӣ қарздор аст. ҶСК «Кулобгаз» 46,0 ҳазор сомонӣ, ҶСК «Сомон Кӯлоб Таҷҳизот» 155,0 ҳазор сомонӣ, ҶСК «Суғдиён» 58,0 ҳазор сомонӣ ва Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии шаҳри Кӯлоб 52,0 ҳазор сомонӣ қарзи андоз доранд.

Кормандони Нозироти андози шаҳри Кӯлоб дар ин давра ҷиҳати маҷбуран ситонидани қарзи андози корхонаҳои қарздор корҳои муайянеро ба сомон расониданд. Дар нимсолаи аввали соли 2019 аз ҷониби Раёсати андоз дар вилояти Хатлон нисбати 137 андозсупоранда ба миқдори 221 адад қарорҳои маҷбуран ситонидани бақияпулиҳои қарзи андоз қабул шудааст. Аз ҷумла 83 қарор оид ба рӯёнидани маблағи қарзи андоз аз ҳисоби пули нақди андозсупорандагон, 137 адад қарор оид ба ситонидани қарзи андозҳо аз суратҳисоби бонкии андозсупорандагон ва як адад аз ҳисоби ҳабси молу мулки андозсупоранда. Маблағи умумии қарорҳои қабулгардида 7389,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки аз ин ҳисоб дар давраи ҳисоботӣ 5319,6 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид гардидааст. Бояд қайд намуд, ки қарорҳои қабулгардида нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 145 адад зиёд мебошад.

Дар ин давра, тибқи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати андозсупорандагоне, ки ба ҳуқуқвайронкуниҳои андозӣ роҳ додаанд, 156 адад протоколи маъмурӣ ба маблағи 166,8 ҳазор сомонӣ тартиб дода шудааст, ки аз ин маблағ ба буҷети давлатӣ 101,6 ҳазор сомниаш ворид гардидааст. Ба санаи 01.07.2019 дар нозироти андоз 1110 шахси ҳуқуқӣ, 611 соҳибкори инфиродӣ, 1904 адад хоҷагии деҳқонӣ ва 1789 соҳибкори инфиродӣ тибқи патент фаъолияткунанда ба қайд гирифта шуданд. Айни ҳол дар шаҳри Кӯлоб 2544 адад соҳибкори тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудаанд, ки аз ин 611 соҳибкори инфиродӣ ва 1933 адад хоҷагии деҳқонӣ мебошанд. Шумораи соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда нисбати ҳамин давраи соли гузашта 97 адад зиёд мебошад. Дар 6 моҳи соли ҷорӣ 154 соҳибкори тибқи патент фаъолияткунанда бо сабабҳои гуногун фаъолияти худро қатъ намуданд ва ба 258 нафар барои фаъолияти соҳибкорӣ патенти нав дода шудааст.

Нақшаи иҷрои андозҳо аз молу мулки ғайриманқул аз шахсони воқеӣ ба андозаи 103,4 фоиз таъмин гардида, дар ин давра ба ҷойи 1139,1 ҳазор сомонии нақшаи пешбинишуда ба буҷети давлатӣ 1177,4 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки нисбати нақша 38, 3 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Дар ин давра, аз ҳисоби 164 иҷорадиҳандаи молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ ба маблағи 135,3 сомонӣ андоз аз даромад ба буҷет пардохт гардидааст.

Дар 6 моҳи соли 2019 дар фаъолияти 816 андозсупорандаи шаҳри Кӯлоб МНХ –дорои ТИЭ насб гардидааст. Дар ин давра, ҷиҳати ба таври дуруст истифода накардани МНХ аз ҷониби кормандони нозироти андоз нисбати 19 андозсупоранда ба маблағи 61,6 ҳазор сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, онҳо ҷарима гардиданд. Дар нимсолаи аввал аз тарафи кормандони нозироти андоз миёни андозсупорандагон 10 маротиба семинар-машварат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ ба роҳ монда шудааст.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

# Омилҳои пешрафт



**Гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе, дар якҷоягӣ бо кормандони нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанбе дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ дар асоси 32 Амрнома, фаъолияти 821 андозсупорандаро мавриди корҳои назоратӣ қарор доданд, ки аз ин шумора 122 нафар ба Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе, 255 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур, 222 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, 25 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ ва 197 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Сино рост меояд.**

Аз тарафи раёсат ва нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанбе дар шаш моҳи соли 2019 ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ 210 нафар шахси воқеии бе қайд дар мақомоти андоз ошкор шуданд, ки бо ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ таъмин гардиданд. Аз ин шумора 31 нафари онҳо ба Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе, 35 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур, 27 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, 8 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ ва 109 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Сино рост меояд.

Дар нимсолаи якуми соли 2019 аз ҷониби кормандони гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози раёсат ва нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанбе нисбати 369 нафар андозсупоранда (бо дарназардошти нозиротҳои андоз) барои қонунвайронкунии андоз, бо маблағи умумии 893 461сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст, ки нисбати нимсолаи якуми соли гузашта 56 адад ва маблағи ҷаримаҳо 3 73361 сомонӣ зиёд мебошад

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар ин давра шумораи протоколҳои тартибдодашуда дар Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе 44 адад, ноҳияҳои Шоҳмансур 80 адад, Исмоили Сомонӣ 75 адад, Фирдавсӣ 12 адад ва Сино 131 ададро ташкил медиҳанд.

Дар ин давра, аз тарафи раёсат ва нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанбе, ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ бе дарназардошти маблағи протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 1 млн. 249 031 сомонӣ андозҳо ҳисоб ва пурра ба буҷет ворид шудааст. Ҳамчунин 42 нафар андозсупоранда бо МНХ –и дорои ТИЭ таъмин гардидаанд.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

**АНДОЗ ДАР ХОРИҶА**

# Ҳаҷми савдои хориҷии Чин афзоиш меёбад



**Ҳаҷми савдои хориҷии Чин дар нимаи аввали соли ҷорӣ ба 14,67 триллион юан расида, 3,9 фоиз афзудааст, навиштааст Сарраёсати гумруки Чин.**

Дар пасманзари пурзӯр шудани протексионизм ва тамоюли коҳишёбии болоравии иқтисодӣ муваффақиятҳои Чин осон ба даст наомадааст. Инро болоравии устувори савдои хориҷии кишвар ва муттабии иқтисодиёт собит намуда, тамоюли беҳтаршавӣ дорад.

Дар нимаи аввали сол ба савдои хориҷии кишвар болоравии мураттаб ва сифати баланди рушд хос аст. Аввалан, тамоюли умумии савдои хориҷии Чин мисли пештара ба таври мураттаб рушд карда, дар марҳалаи болоравии устувор қарор гирифтааст. Дуюм, шариконии тиҷоратии Чин вусъат ёфтаанд. Дар нимаи аввали сол болораии ҳаҷми гардиши молҳо бо шарикони асосии тиҷоратии Чин – кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо, ИМА, АСЕАН ва Япония афзоиш ёфта, суръати болоравии савдо бо кишварҳои «Як тасма ва як роҳ» аз суръати болоравии умумӣ баланд буд. Сеюм, сохтори содироти молҳо мураттаб гаштааст. Дар нимсолаи якум содироти маҳсулоти механикӣ ва электротехники Чин ба хориҷа афзуда, содироти молҳои заҳматталаб ҳам афзоиш ёфтааст. Ҳамин ҳолат шоҳиди ба таври мураттаб баланд шудани рақобатпазирии содиротии миллӣ мебошад.

Қайд намудан зарур аст, ки дар нимсолаи якум, дар пасманзари сард шудани муносибатҳои тиҷоратии байни Чину ИМА, содироти молҳои Чин ба ИМА 2,6 фоиз коҳиш ёфта, воридоти молҳо аз ИМА ба Чин 25,7 фоиз коҳиш ёфт. Калон шудани фарқи байни содирот ва воридоти молҳо шоҳиди он аст, ки ИМА даҳҳо ҳазор молҳои Чинро ворид намуд, аммо Чин аз ИМА номгӯи ками маҳсулоти амрикой ворид мекунад.

Қайд шудааст, ки пешравиҳо дар муносибатҳои тиҷоратии Чин дар натиҷаи сари вақт андешидани тадбирҳои судбахш, ба монанди дастгирии кушода будани иқтисодиёт, коҳиш додани андозҳо ва пардохтҳо, пурзӯр намудани эътимоди байни бозор ва корхонаҳо ба даст омадааст.

**Манбаъ: https://rg.ru**

# Вазъи ҷамъоварии ААИ

**Иҷрои уҳдадориҳои андозии андозсупорандагони дар низоми умумӣ қарордошта оид ба пешниҳоди дурусти эъломияҳои андоз аз арзиши иловашуда назорат ва таҳлили маълумот ва пайгирии амалиётҳои анҷомдодаи субъектҳои хоҷагидорро талаб менамояд. Ин аст, ки Фармоиши Кумитаи андоз аз 11.01.2019, №11 "Доир ба назорати фаъолияти супорандагони андоз аз арзиши иловашуда" ба имзо расидааст.**



Мувофиқи маълумот иҷрои нақшаи андоз аз арзиши иловашуда дар вилояти Суғд дар нимсолаи аввали соли 2019, дар маҷмӯъ, 100,5 фоиз таъмин гардид.Нақшаи ин намуди андоз дар шаҳру ноҳияҳои Зафаробод, Спитамен, Бӯстон, Исфара, Конибодом, Айнӣ ва Кӯҳистони Мастчох таъмин нашуд, ки аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ 8,5 млн. сомонӣ ворид нагардид.Афзоиши маблағи ҳисобшудаи андоз аз арзиши иловашуда нисбат ба 6-моҳаи соли 2018, дар маҷмӯъ, 114,2 фоизро ташкил медиҳад.

Омӯзиш ва таҳлилҳо нишон доданд, ки дар миқёси вилоят маблағҳои баҳисобгирифташудаи ААИ дар эъломияҳои андозсупорандагон дар нимсолаи аввали соли 2019 нисбат ба соли 2018 ба маблағи 239,8 млн. сомонӣ зиёд гардида, афзоиши он 106 фоиз мебошад. Аз маблағҳои баҳисобгирифташудаи ААИ ҳиссаи хариди мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо аз дохили ҷумҳурӣ 26,4 фоиз (1143,9 млн. сомонӣ), хариди гумрукии воридоти молҳо 71,9 фоиз ( 3109,4 млн. сомонӣ) ва амалиётҳои хариди аз андоз аз арзиши иловашуда озод 0,4 фоизро (16,6 млн. сомонӣ) ташкил додааст. Мавҷудияти изофапулиҳои зиёди беасос маҳз ба фаъолияти воридот ва фурӯши молҳо рост меояд. Дар ин давра, маблағи амалиётҳои умумии андозсупорандагон 7 миллиарду 7,4 млн. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 (7496,0 сомонӣ) ба андозаи 488,6 млн. сомонӣ кам мебошад. Аз ҷумла, камшавии амалиёт бо меъёри 5-фоиза 314,6 млн. сомонӣ, бо меъёри 10-фоиза 260,5 млн. сомонӣ ва амалиётҳои озод 412,4 млн. сомониро ташкил намудаанд.

Афзоиши амалиёти андозбандишаванда бо меъёри стандартии 18-фоиза дар ин давра 405,8 млн. сомонӣ ташкил додааст. Аммо ин нишондод дар шуъбаи нозироти андозсупорандагони миёна дар ноҳияҳои Спитамен 39,0 млн. сомонӣ ва Б. Ғафуров 105,9 млн. сомонӣ, шаҳри Конибодом 27,7 млн. сомонӣ ва ноҳияи Деваштиҷ 41,3 млн. сомонӣ кам гардидааст. Инчунин, ба камшавии ҳаҷми умумии амалиёти андоз аз арзиши иловашуда камшавии амалиётҳои озод ба маблағи 412,4 млн. сомонӣ аз корхонаҳои дар қайди шуъбаи Суғдии Нозироти андозсупорандагони калонбуда сабаб шудааст.

Тавре аз таҳлилҳо бармеоянд, омили таъсиррасонандаи кам шудани маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз арзиши иловашуда, агар аз як тараф, аз ҷониби корхонаҳои соҳаи хариду фурӯш бо болонархии ночиз таҳвил намудани молу маҳсулот бошад, аз тарафи дигар, риоя накардани тартиби пешбурди анбори электронӣ, навишти ҳисобнома-фактураҳои моҳияти иқтисодинадоштаи ААИ мебошад. Масалан, изофапулии маблағи андоз аз арзиши иловашуда ба санаи 01.06.2019 маблағи 160,0 млн. сомониро ташкил додааст, ки нисбати аввали сол ба маблағи 57,0 млн. сомонӣ ё худ 55,2 фоиз афзоиш ёфтааст. Ин худ гувоҳӣ медиҳад, ки дар самти бо пуррагӣ фаро гирифтани амалиётҳои андозбандишаванда, асоснокии мавҷудияти бақияи молу маҳсулот, таҳия ва пешниҳоди саривақтии ҳисобнома-фактураҳо ва нишон додани маблағи молҳои воридотӣ дар эъломияҳои андоз ва ниҳоят асоснокии баҳисобгирии маблағи андоз аз арзиши иловашуда аз ҳисоби хариди дохила корбарӣ ва назорат дар сатҳи паст қарор дорад.

Яке аз сабабҳои афзоиши изофапулии маблағи андоз аз арзиши иловашуда ин дар асоси модули нави барномаҳо ва талаботи қонунгузории андоз бекор шудани амалиётҳои беамалан анҷомдодаи моҳияти иқтисодинадоштаи андозсупорандагон ба таври автоматӣ мебошад. Масалан КДК "Нақлиёти мусофиркашонии шаҳри Хуҷанд" дар моҳи марти соли 2019 дар асоси ҳисобнома-фактураҳо ба маблағи 472,1 ҳазор сомонӣ андоз аз арзиши иловашударо аз ҶДММ "Парламент 2018" ба ҳисоб гирифтааст. ҶДММ "Парламент 2018" тибқи маълумоти гумрукӣ ва ҳисобнома-фактураҳои ААИ оид ба хариди молу маҳсулот аз дохили кишвар сӯзишвории дизелиро харидорӣ накардааст. Бинобар ин, амалиёти мазкур ба таври автоматӣ бекор карда шуда, дар ҳисобварақаи КДК "Нақлиёти мусофиркашонии шаҳри Хуҷанд" маблағи 472,1 ҳазор сомонӣ ба фоидаи буҷет ҳисоб карда шудааст.

Хотиррасон менамоем, ки дар ҷаласаи корӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаи фаъолияти 5-моҳаи соли 2019 нишондиҳандахои ҳисоб ва пардохти андози андозсупорандагони вилояти Суғд бо андозсупорандагони шабеҳи фаъолияти дигар шаҳру манотиқи ҷумҳурӣ мавриди муқоиса ва таҳлил қарор дода шуд. Қайд гардид, ки вазни қиёсии маблағи ҳисобшудаи андозҳои андозсупорандагони миёнаи вилояти Суғд нисбати даромади умумӣ 6,5 фоизро ташкил додааст. Аз он ҷумла, вазни қиёсии маблағи ААИ дар даромади умумӣ 1,3 фоиз ва андоз аз фоида низ 1,6 фоизро ташкил медиҳад. Дар шаҳри Душанбе маблағҳои ҳисобшуда нисбат ба даромади умумӣ 12,1 фоиз, аз ҷумла маблағи ҳисобшудаи ААИ 3,4 фоиз ва андоз аз фоида 2,3 фоизро ташкил додааст. Яъне, маблағи ҳисобшудаи андозҳои андозсупорандагони миёнаи вилояти Суғд нисбат ба андозсупорандагони шаҳри Душанбе қариб як маротиба кам мебошад. Аз рӯи соҳаи фаъолият дар корхонаҳои саноатии вилояти Суғд вазни қиёсии ҳисоби андозҳо 5,8 фоиз, аммо дар шаҳри Душанбе 16,8 фоизро ташкил додааст, ки 2,9 маротиба зиёд аст. Ё худ дар соҳаи хариду фурӯш вазни қиёсии ҳисоби андозҳо дар вилояти Суғд агар 3,2 фоизро ташкил диҳад, пас ин нишондод дар шаҳри Душанбе 6,4 фоизро ташкил додааст, ки 2 маротиба бештар аст.

Таҳлили гурӯҳи кории Кумитаи андоз дар якчоягӣ бо мутахассисони Раёсати андоз дар шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна муайян намуд, ки дар мавридҳои алоҳида андозсупорандагон маблағҳои баҳисобгирифташавандаи ААИ-ро барзиёд ба ҳисоб гирифтаанд, ки боиси зиёд гардидани изофапулиҳо гардидааст. Масалан, ҶДММ "Папирус" дар қисмати хариди эъломияҳои андоз аз арзиши иловашуда барои соли 2018 манбаи воридоти гумрукиро 50,2 млн. сомонӣ ва андоз аз арзиши иловашударо 9,0 млн. сомонӣ ба ҳисоб гирифтааст. Тибқи махзани маълумоти Кумитаи андоз дар соли 2018 маблағи умумии воридоти гумрукӣ 45,9 млн. сомонӣ, вале андоз аз арзиши иловашудааш 8,3 млн. сомониро ташкил медиҳад. Чунин бармеояд, ки андоз аз арзиши иловашуда ба маблағи 779,0 ҳазор сомонӣ дар қисми хариди эъломияи ААИ зиёд дарҷ гардида, боиси беасос зиёд шудани изофапулиҳо гардидааст. Дар давоми 6 моҳи соли 2019 аз ҷониби ҶДММ "Далерон ЛТД" амалиёти андозбандишаванда 11,8 млн. сомонӣ ва пардохти маблағи андоз аз арзиши иловашуда ба сифр баробар будааст. Дар фаъолияти ҶДММ "Дӯстӣ" фарқияти воридоти гумрукӣ дар хисобот 4,7 млн. сомонӣ, маблағи амалиёт 3,3 млн. сомонӣ, пардохти ААИ сифр мебошад. Чунин ҳолат дар фаъолияти ҶДММ "Тавфиқ", ҶДММ "Хайри Хуршед", ҶДММ "Масолеҳ 2018", ҶДММ "Темур Ойл" низ ҷой доранд.

Дар ҶДММ "Исмоил 2013"-и ноҳияи Зафаробод изофапулии андоз аз арзиши иловашуда маблағи 2,1 млн. сомониро ташкил дода, дар 6 моҳи соли ҷорӣ ба маблағи 42,4 млн. сомонӣ молу маҳсулот воридот ва содирот шудааст, аммо, дар эъломияҳои андоз 31,8 млн. сомонӣ дарҷ гардида, фарқияти маблағи кам нишондодашуда 10,6 млн. сомониро ташкил додааст. Аз тарафи чамъият дар ин давра амалиёти андозбандишаванда ҳамагӣ 185,4 ҳазор сомонӣ будааст, ки 0,8 фоизи молҳои воридотиро ташкил медиҳад. Пардохти маблағи андоз аз арзиши иловашуда дар ин давра анҷом дода нашудааст. Чунин ҳолат дар ҶДММ "Шараф-1" низ ҷой дошта, изофапулии ААИ 7,6 млн. сомонӣ, маблағи воридот 44,5 млн. сомонӣ, амалиёти андозбандишаванда ва пардохти маблағи ААИ ба сифр баробар мебошад.

Мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки бо мақсади дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз арзиши иловашуда ва пурра ба андозбандӣ ҷалб намудани амалиёти андозбандишавандаи андозсупорандагон фаъолиятро дар ин самт вусъат бахшанд. Назорати таҳия ва пешниҳод шудани ҳисобнома-фактураҳои электронии андоз аз арзиши иловашударо аз ҷониби андозсупорандагон дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда, иҷрои талаботи моддаҳои 89 ва 186 Кодекси андозро таъмин ва фаъолияти ғайриқонунии соҳибкоронро пешгирӣ намоянд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

**АНДОЗ ДАР ХОРИҶА**

# Вазири молияи Фаронса: IT-ширкатҳо андозбандӣ шаванд

**Чанде пештар Фаронса лоиҳаи қонун дар бораи ҷорӣ намудани андоз барои фаъолияти ширкатҳои азими рақамиро қабул намуда буд.**

Давлатҳои аъзои Гурӯҳи ҳафт (G7) бояд роҳи ҳалли масъалаи андозбандӣ намудани ширкатҳои азими рақамиро пайдо кунанд, гуфтааст вазири иқтисод ва молияи Фаронса Брюно Ле Мэр.

«Ба ақидаи комили ман, дар ҷараёни мулоқоти G7 мо роҳи мусоиди ҳалли масъаларо пайдо мекунем ва ҳамин мувофиқа роҳ ба Ташкили ҳамкории иқтисодӣ ва рушдро ҳамвор месозад, - гуфтааст вазир.

Қаблан парлумони Фаронса лоиҳаи қонуни миллӣ дар бораи ҷорӣ намудани андоз барои фаъолияти ширкатҳои азими рақамиро қабул карда буд.

**Манбаъ: http://taxpravo.ru**



**Мақомоти андоз бо мақсади муқаррар намудани даромад ва хароҷоти воқеии андозсупорандагон дар фаъолияти онҳо пайваста муоинаи хронометражӣ мегузаронанд. Гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон ба сифатнок иҷро шудани қисми даромади буҷет ва пурра ба андозбандӣ ҷалб гардидани андозсупорандагон, албатта, мусоидат хоҳад кард.**



# Муоинаи хронометражӣ

## он дар кишвар дар шашмоҳаи аввали соли 2019 чӣ қадар гузаронида шуд?

Тибқи талаботи моддаи 40 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муоинаи хронометражӣ шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади муқаррар намудани даромад ва хароҷоти воқеии андозсупорандагон гузаронида мешавад. Ҳадаф аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон, муайян намудани манбаи аслии андозбандишаванда, дарёфти нави манбаъҳои андозбандӣ ва ошкор намудани андозсупорандагоне мебошад, ки мақсади пинҳон намудани манбаъҳои андозбандишавандаро доранд.

Тавре сардори шуъбаи санҷишҳои амалиётӣ, назорати фаврӣ ва пешгирии соҳибкории ғайриқонунии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шаҳриёр Афғонов қайд намуд, ҳолатҳое мешаванд, ки мақомоти андозро водор месозад то қонуншиканиҳои бархе аз андозсупорандагонро пешгирӣ карда, бо мақсади муайян намудани манбаъҳои аслии андозбандишаванда муоинаи хронометражӣ гузаронанд. Ин аст, ки дар шаш моҳи соли 2019 мақомоти андоз фаъолияти андозсупорандагони зиёдеро, ки ба истеҳсол ва фурӯши хӯрок, хариду фурӯши молҳои ниёзи мардум, хариду фурӯши сӯзишворӣ ва хариду фурӯши молҳои саноатӣ машғуланд, таҳти муоинаи хронометражӣ қарор додааст. Натиҷаи муоинаи хронометражӣ нишон дод, ки бархе аз андозсупорандагон манбаи аслии андозбандишавандаро 4-5 маротиба кам нишон додаанд ва тибқи тартиби муқарраргардида фурӯши воқеии онҳо бо санади дахлдор ба расмият даровarda, таҳти назорат қарор дода шудаанд.

Дар ин давра, аз тарафи мақомоти андоз бо мақсади муайян намудани манбаи аслии андозбандишаванда дар фаъолияти 893 андозсупоранда (155 шахси ҳуқуқӣ ва 738 соҳибкори инфиродӣ) муоинаи хронометражӣ гузаронида шудааст. Аз ҷумла, Раёсати санҷиши андозҳои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз 145 адад, шаҳри Душанбе 42 адад, вилояти Хатлон 220 адад, вилояти Суғд 255 адад, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 54 адад, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 159 адад, Нозироти андозсупорандагони калон 4 адад ва Нозироти андозсупорандагони миёна 14 адад муоинаи хронометражӣ гузаронидаанд.

Ш. Афғонов қайд намуд, ки даромади умумии 893 андозсупорандае, ки таҳти муоинаи хронометражӣ қарор гирифтаанд, дар як моҳ 38361,2 ҳазор сомониро ташкил медод ва пас аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади умумии ин субъектҳо ба 63314,2 ҳазор сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбат ба манбаи андозбандишавандаи қаблан пешниҳодшуда ба маблағи 24953,0 ҳазор сомонӣ фарқ мекунад.

Инчунин, дар фаъолияти ин андозсупорандагон 514 коргари кироя, ки бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб гардидаанд, ошкор шуда, нисбати 640 андозсупоранда барои риоя накардани қонунгузории андоз ба маблағи умумии 2105,0 ҳазор сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ ва ба буҷет таъмин гардидааст. Дар фаъолияти 55 андозсупоранда мошини назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ, ки қобилияти интиқол додани маълумотро доранд (МНХ-и дорои ТИЭ), насб шудааст.

Ҳамчунин, дар фаъолияти андозсупорандагоне, ки зери муоинаи хронометражӣ қарор гирифтанд, андозҳои иловагӣ низ ҳисоб ва ба буҷет пардохт гардид. Аз ҷумла, зимни гузаронидани муоинаи хронометражӣ 195 ҳазор сомонӣ андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромад, 46,9 ҳазор сомонӣ андозҳо аз молу мулки ғайриманқул, 138,3 ҳазор сомонӣ дигар андозҳои иловагӣ ва дар маҷмӯъ 380,2 ҳазор сомонӣ андозҳо ҳисоб гардидааст, ки қисман ба буҷет пардохт шудаанд.

Чуноне зикр шуд, нововбаста аз таъкидҳои пайвастаи роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаласаҳои доиршуда дар мавриди беҳтар намудани нишондодҳо дар самти муоинаи хронометражӣ ва рафъи камбудиҳои ҷойдошта, нозиротҳои андози баъзе шаҳру ноҳияҳо дар фаъолияти андозсупорандагон дар ин давра танҳо аз 4 то 8 муоинаи хронометарҷӣ гузаронидаанд ва ё умуман муоинаи хронометражӣ нагузаронидаанд. Ин дар ҳолест, ки теъдоди андозсупорандагоне, ки манбаи андозбандишавандаро ҳар моҳ шабеҳ (яхела) пешниҳод менамоянд ва манбаи андозбандишавандаи андозсупорандагон шубҳаовар мебошад, дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ зиёд ба назар мерасад.

Вобаста ба ин, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор гардидаанд, ки бо риояи талаботи муқаррароти Кодекси андоз ва мактубҳои супориши Кумитаи андоз сифатнокии муоинаҳои хронометражиро таъмин намоянд, камбудиҳои ҷойдоштаро давра ба давра ислоҳ ва самаранокии фаъолиятро беҳтар созанд. Ҳамзамон, соҳибкоронро зарур аст, ки қонунгузории андозро риоя намоянд ва ҳаргиз ба қонуншиканиҳои андоз роҳ надиҳанд. Дар навбати хеш шаҳрвандонро зарур аст, ки ҳангоми хариди мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ ҳатман чиптаи мошини назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалиро талаб намоянд, зеро ҳисоби саҳеҳи маблағҳо ба иҷрои қисми даромади буҷет ва ба равнақ ёфтани иқтисодиёти кишвар таъсиррасон мебошад.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# Коҳиши бақияи қарзи андоз

**Масъалаи бақияи қарзи андоз ва коҳиш додани он имрӯз дар мадди назари роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳудудии он қарор дорад.**

Бархе аз андозсупорандагон сарфи назар аз таъкиду супоришҳои пайвастаи роҳбарияти мақомоти андози кишвар ҷиҳати кам кардани бақияи қарзи андоз ба афзоиши қарзи андозҳо мусоидат карда истодаанд.

Ин ҳолат дар фаъолияти андозсупорандагони Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ низ ба назар мерасад. Тавре аз маълумот бармеояд, бақияи қарзи андозҳо ба ҳолати 1-уми июни соли 2019 дар ин ноҳия 4 миллиону 662 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба 1-уми январи соли 2019 ба андозаи 30 ҳазор сомонӣ кам мебошад. Аз ҷумла, бақияи қарзи андози шахсони ҳуқуқӣ 3 миллиону 778,4 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали сол 315,1 хазор сомони кам гардидааст. Бақияи қарзи андози соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда то ин давра 882,7 ҳазор сомониро ташкил намуда, нисбат ба 1-уми январи соли 2019 ба маблағи 284,9 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст.

Давра ба давра афзоиш ёфтани шумораи андозсупорандагони қарздор низ яке аз масъалаҳои ташвишовар гардидааст. Тибқи маълумот ба ҳолати 1-уми июни соли 2019 дар Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ 252 шахси ҳуқуқӣ ва 333 соҳибкори инфиродӣ аз андоз қарздор мебошанд. Аз ҷумла, аз ҳисоби 6 андозсупоранда бақияи қарзи андозҳо 1 миллиону 236 ҳазор сомониро ташкил намудааст, ки ин 26,3 фоизи бақияпулиҳои мавҷударо ташкил медиҳанд. Инҳо ҶДММ «Стройинвест» мебошанд, ки бақияи қарзи андозаш 561,7 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Шамси 2013» 79,6 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Сотсиал-сервис" 45 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Комронобод» 130,6 ҳазор сомонӣ, ҶДММ«Сервис 777» 291,3 ҳазор сомонӣ ва ҶДММ «Тач пож строй» 172,2 ҳазор сомониро ташкил менамояд.

Бояд гуфт, ки нисбати андозсупорандагони мазкур чораҳои пешбининамудаи қонунгузории андоз дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо татбиқ гардидааст, аммо бо сабаби бефаъолият будани андозсупорандагони мазкур, дарёфт нагардидани шахсони масъули онҳо, дар тавозун ва суратҳисобҳои онҳо мавҷуд набудани молу мулк ва воситаҳои пулӣ, ситонидани маблағҳои мазкур мушкил гардидааст.

Тибқи маълумоти аз барномаи компютерии СИА «Идоракунӣ ва мониторинги қарзи андозҳо» дастрасшуда, дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади кам намудани бақияи қарзи андозҳо ва татбиқи минбаъдаи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, дар асоси талаботи моддаи 72 Кодекси андоз ба 285 андозсупоранда оид ба пардохти бақияи қарзи андозҳо ба маблағи 2 миллиону 690,3 ҳазор сомонӣ огоҳиномаҳо ирсол гардидаанд. Аз ҳисоби огоҳиномаҳои мазкур 1 миллиону 97,2 ҳазор сомонӣ ба буҷети давлатӣ ворид шудааст.

Ҳамзамон, дар нимсолаи аввали соли 2019 бо мақсади пешгирии ҳолати зиёдшавии бақияпулиҳои андоз ва андешидани чораҳои пешбининамудаи қонунгузории андоз дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо нисбати 85 андозсупоранда ба маблағи 1 миллиону 960,5 ҳазор сомонӣ 133 қарор қабул шуда, аз ин ҳисоб ба буҷет 1331,2 ҳазор сомонӣ маблағ ворид гардидааст. Инчунин, аз ҳисоби 35 қароре, ки нисбати 22 андозсупорандаи қарздор дар соли 2018 ба маблағи умумии 762,2 ҳазор сомонӣ қабул шуда буд, 679,1 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид шудааст. Ҳамин тариқ, дар соли 2019 тибқи тартиби ғайрисудии маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба буҷети давлатӣ, дар маҷмӯъ, 2 милиону 10,3 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст.

Ҳамчунин, дар давоми моҳҳои январ – июни соли 2019 ҷиҳати рӯёнидани бақияи қарзи андозҳо ва пешгирии зиёдшавии онҳо, Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ бо иштироки зиёди андозсупорандагони қарздор ҷаласаи корӣ баргузор намудаанд ва вобаста ба ин барои пардохти қарзи андозҳо мӯҳлат муқаррар гардида, пардохти онҳо таҳти назорат қарор дода шудаанд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар асоси муқаррароти қонунгузории андоз дар сурати дар мӯҳлати муқарраршуда иҷро нашудани ӯҳдадории пардохти андозҳо, аз ҷониби андозсупоранда санади муқоисавӣ тартиб ёфта, оид ба иҷрои ӯҳдадориҳо, вобаста ба пардохти андозҳо, бо онҳо огоҳинома ирсол мегардад. Аз ин рӯ, андозсупорандагонро зарур аст, ки андозҳои муқарраргардидаро мустақилона ба буҷет пардохт намоянд, ба афзоиши бақияи қарзи андоз роҳ надиҳанд ва фаъолияти худро дар доираи қонунгузории андоз ба роҳ монанд.

**Фаррухрӯзи ҶОВИД**

# Нақша иҷро шуд, аммо қарзи андоз боқӣ монд

**Кормандони мақомоти андози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон зимни баргузории як ҷаласа натиҷаҳои фаъолияти нимсоларо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор доданд.**

Зикр шуд, ки сарфи назар аз монеаҳои табиӣ ва камбуди молӣ ба кормандони мақомоти андози вилоят муяссар гардид, ки иҷрои нақшаи андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмиро бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрбуҷавӣ ба андозаи 107 фоиз иҷро кунанд.Ба буҷаи маҳалӣ ба ҷои 58,7 миллион сомонӣ 62,8 миллион сомонӣ ворид гардид. Муовини сардори Раёсати андози вилоят Лутфишо Азизбеков изҳор кард, ки дар ин давра сифатнокии иҷрои нақшаи ҷамъоварии андоз ва пардохтҳои ҳатмиро танҳо Нозироти андози ноҳияи Шуғнон таъмин карда тавонист. Нозироти андози шаҳри Хоруғ ва шаш ноҳияи дигар иҷрои босифати нақшаи нимсолаи ҷамъоварии андозро таъмин карда натавонистанд. Яке аз дигар мушкилоте, ки дар чанд соли охир думболагири мақомоти андози вилоят аст, ин афзоиши бақияи қарзи андозҳо мебошад. Ба ҳолати якуми июли соли равон бақияи қарзи андозҳо 2527,1 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 926.7 ҳазор сомонӣ бештар аст. Нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят дар нимсолаи соли равон ҳам тамоюли зиедшавии бақияи қарзи андозро пешгирӣ накарданд ва илова бар ин ҳангоми муқоисаи ҳисоботи пешниҳодшуда бо барномаи СИА бисёр камбудиҳо ошкор карда шуданд. Маълум гардид, ки мутахассисони нозиротҳои андоз бидуни тафтишу таҳлили аниқу дақиқ нишондиҳандаҳоро ба ҳисоботи 2А ирсол кардаанд.

Яке аз сабабҳои дурусту дақиқ набудани маблағҳои ҳисобшудаи андозҳо ин сари вақт ба барномаи СИА ворид накардани эъломияҳои андоз мебошад. Барои ислоҳ намудани ин камбудӣ ва сари вақт ворид кардани эъломияҳо ба барномаи СИА Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 июни соли равон тахти унвони "Тартиби пешниҳоди ҳисоботҳои андоз дар шакли электронӣ" ба унвони Раёсати андози вилоят мактуб ирсол намуда, нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоятро муваззаф намуд, ки дар муддати кӯтоҳ парвандаҳои ҳуқуқии андозсупорандагонро тахия ва ба Кумитаи андози ҷумҳурӣ фиристонанд. Аммо то ба ҳол ҳамагӣ 375 адад парвандаи ҳуқуқии андозсупорандагон ҷамъоварӣ ва тахия шудааст. Аз ин рӯ, ба сардорони нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят дастур дода шуд, ки масъалаи мазкурро зудтар ҳаллу фасл намуда, аз анҷоми он гузориши мукаммал пешниҳод намоянд.

**Довари БОВАР**
**ВМКБ**

## ЭЪЛОН

### Муҳтарам шаҳрвандон!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки аз 1 июни соли 2019 ҳар як шахси воқеӣ метавонад аз модули электронии хизматрасонии «Утоқи шахсии андозсупоранда» истифода намояд. Истифодаи модули мазкур ройгон буда, барои дастрасӣ ба он ба мақомоти андоз танҳо нусхаи шиноснома пешниҳод карда мешавад.

Истифода аз «Утоқи шахсии андозсупоранда» имконият медиҳад, ки бе ҳозир шудан ба мақомоти андоз, ҳисобварақаи худро оид ба ҳисоб ва пардохти андозҳо аз объектҳои ғайриманқул, замин, воситаҳои нақлиёт ва андоз аз даромади иҷора, инчунин, бақияи қарзи андоз дар шакли онлайн маълумот дастрас намоед.

**Оид ба масъалаи истифодаи «Утоқи шахсии андозсупоранда» метавонед аз сомонаи Кумитаи андоз www.andoz.tj ва Маркази тамос ба воситаи рақами телефонии 151 ва ё мақомоти ҳудудии андоз маълумоти иловагӣ дастрас намоед.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Бақияи қарзи андозҳо ҳанӯз ҳам яке аз масъалаҳои ташвишовар боқӣ мондааст. Дар вилояти Хатлон дар давоми шаш моҳи сипаригардидаи соли 2019 бақияи қарзи андозҳо ба маблағи 7,8 млн сомонӣ кам карда шудааст.**



# Бақияи қарзи андозҳо кам мегардад

Ба иттилои сардори шуъбаи ситонидани қарзи андозҳои Раёсати андоз дар вилояти Хатлон Шамсулло Сафарзода ба ҳолати 1 июни соли 2019 бақияи қарзи андозҳо маблағи умумии 174,3 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали соли равон ба маблағи 7,8 млн сомонӣ кам шудааст. Шумораи андозсупорандагони қарздор 17897 адад (шахсони ҳуқуқӣ 4093 адад ва соҳибкорони инфиродӣ 13804 адад)-ро ташкил намудааст.

Мутахассиси шуъбаи ситонидани қарзи андозҳои Раёсати андоз дар вилояти Хатлон А. Холов гуфт, ки бо мақсади рӯёнидани бақияи қарзи андозҳо дар давоми 5 моҳи соли ҷорӣ ба 10660 адад андозсупорандаи қарздор оид ба пардохти қарзи андозҳо ба маблағи умумии 91,1 млн. сомонӣ огоҳиномаҳо ирсол гардида, аз ин ҳисоб ба буҷет 28,1 млн. сомонӣ ворид карда шуд. Инчунин, тариқи ғайрисудии маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо дар давоми 6 моҳи сипаригардидаи соли 2019 дар сатҳи вилоят нисбати андозсупорандагони қарздор ба маблағи умумии 84,3 млн сомонӣ 2386 адад қарор қабул гардид. Аз ин ҳисоб ба буҷет маблағи 50,1 млн. сомонӣ ворид карда шудааст. Аз шумораи умумии 2386 адад қарори қабулшуда аллакай иҷрои 1571 адади он пурра таъмин гардид. Қобили қайд аст, ки дар маҷмӯъ воридоти маблағҳо аз ҳисоби қарорҳои мазкур нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба маблағи 26,1 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Шамсулло Сафарзода мегӯяд, ки қарорҳои қабулгардида, аслан, нисбати хоҷагиҳои кишоварзӣ зиёдтар қабул шудааст ва яке аз сабабҳои пурра иҷро нагардидани ин қарорҳо дар он мебошад, ки аз ҷониби комиссияҳои таҷдиди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо заминҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ дар асоси қарорҳои дахлдори раисони шаҳру ноҳияҳо таҷдид ва ба дигар нафарон тақсим карда шудаанд. Ҳангоми тақсимоти заминҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ моликияти дар тавозуни онҳо қарордоштаро пурра тақсим намудаанд. Вале ҷиҳати тақсимоти маблағи қарзи андозҳо, умуман чораҷӯӣ нашудааст, ки ин ҳолат боиси зиёдшавӣ ва пардохт нагардидани бақияи қарзи андозҳо гардидааст. Мута-



ассифона, талаботи қисми 7-и моддаи 60 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби комиссияҳои таҷдиди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо на дар ҳама ҳолат ба инобат гирифта мешавад.

Ҳуқуқшиноси Раёсати андоз дар вилояти Хатлон Бахтиёр Каримов гуфт, ки тибқи моддаи 599 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои саркашӣ аз пардохтани андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки дар пинҳон кардани объектҳои андозбандӣ ифода ёфтаанд, ҳангоми набудани аломати ҷиноят ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ҳашт то даҳ, ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз яксаду панҷоҳ то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад. Барои мавҷуд набудани баҳисобгирии муҳосиботӣ ё пешбурди он бидуни риояи тартиби муқарраргардида, таҳрифи баҳисобгирии муҳосиботӣ ё ҳисоботи андоз, пешниҳод накардани ҳисобот ва тавозуни муҳосиботӣ, ҳисобҳо, эъломияҳо, дигар ҳуҷҷатҳои вобаста ба ҳисобкунӣ ва пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, ҳангоми набудани аломати ҷиноят ба шахсони мансабдор ба андозаи аз чил то панҷоҳ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз яксаду панҷоҳ то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад. Барои риояи накардани қоидаҳои истеҳсол, рехтани маҳсулот ба зарфҳо (бастабандӣ) ва нигоҳдории маҳсулоти зераксизӣ бе ҳисобкунакҳои дорои хотираи фискалӣ, ба шахсони мансабдор ба андозаи аз ҳаштод то сад ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сесаду сӣ то сесаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин мегардад.

Кормандони мақомоти андози вилоят дар самти аз байн бурдани мушкилоти афзоиши бақияи қарзи андозҳо ва баланд бардоштани фаҳмиши андозии андозсупорандагон тадбирҳои зарурӣ андешида, бо андозсупорандагони қарздор корҳои тарғиботиву фаҳмондадиҳӣ гузаронида истодаанд.

**С.РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**



# Фаъолият дар чорчӯбаи қонун

**САВОЛ: - Дар асоси шаҳодатнома фаъолият карда истодаам. Бинобар суст ҷараён доштани тиҷорат, фаъолиятамро қатъ карданиям. Тартиби қатъ кардани фаъолият чӣ гуна аст?**

**ҶАВОБ:** - Мутобиқ ба талаботи муқаррароти моддаҳои 24-25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» тартиби бақайдгирии давлатии қатъ шудани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ муқаррар гардидааст.

Бақайдгирии давлатии қатъ шудани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ дар асоси аризаи соҳибкори инфиродӣ амалӣ мегардад:

Тибқи тартиби муқаррургардида барои қатъ гардидани фаъолияти соҳибкорӣ шуморо зарур аст, ки ба мақомоти андози маҳалли қайди худ бо ариза муроҷиат намоед.

Зимнан қайд кардан бамаврид аст, ки тибқи талаботи сархати 5 қисми 9 моддаи 29 Кодекси андоз ҳангоми қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда (ба истиснои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ) гузаронидани санҷиши маҷмӯии андоз пешбинӣ гардидааст. Баъди гузаронидани санҷиш сананд ва ҳамзамон аз рӯи он қарори дахлдор қабул карда мешавад.

Қабл аз оғози санҷиш соҳибкори инфиродиро зарур аст, ки ҳуҷҷатҳои худро ҷиҳати қатъи фаъолияти соҳибкории худ омода намуда, баъд аз пешниҳоди эъломияи барҳамдиҳӣ доир ба иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ санади муқоисавии дуҷониба тартиб диҳад.

Ҳамзамон, баъд аз иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ аз рӯи натиҷаи санҷиши барҳамдиҳӣ бо гирифтани маълумотномаи дахлдор оид ба мавҷуд набудани ӯҳдадории андозӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҷиҳати қатъи фаъолият муроҷиат намуда, доир ба қатъи фаъолият аз Феҳристи ягонаи давлатӣ иқтибос мегирад.

**САВОЛ: - Андозсупорандагоне, ки бо тариқи андози содакардашуда ҳисобот месупоранд, «ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ» (тавозуни муҳосибӣ) –ро пешниҳод менамоянд?**

**ҶАВОБ:** - Тибқи талаботи қисми 4 моддаи 293 Кодекси андоз ва қисми 10 моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.03.2011 таҳти №702 «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» субъектҳои низоми содакардашудаи андозбандӣ вазифадоранд усули содакардашудаи ҳисобот ва баҳисобгирии муҳосибиро аз рӯи тартибе, ки он аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиши №80 аз 07.11.2009 тасдиқ шудааст, пеш баранд.

Дар асоси талаботи моддаҳои 48 ва 50 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозсупоранда ӯҳдадор аст баҳисобгирии ҳамаи амалиёти марбут ба фаъолияташро, ки барои муайян кардани оғоз, ҷараён ва ба охиррасии он имконият медиҳад, таъмин намояд.

Инчунин, аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон "тартиби истифодабарии системаи содакардашуда дар ҳисобот ва баҳисобгирӣ дар субъектҳои соҳибкории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон" тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сомона аз 28 декабри соли 2009 таҳти №555 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, ки метавонед аз он истифода намоед.

Зимнан қайд кардан бамаврид аст, ки соҳибкори инфиродии бо шаҳодатнома фаъолияткунанда ӯҳдадоранд баҳисобгирии муҳосибии худро пеш бурда, ҳамзамон шахсони ҳуқуқии дар низоми содакардашуда қарордошта дар баробари таъмини баҳисобгирӣ ӯҳдадоранд аз натиҷаи фаъолияти молиявии худ то санаи 1 апрели соли ҳисоботӣ ба мақомоти андози маҳалли қайди худ тавозуни муҳосибӣ пешниҳод намуда, аз ҳисоби даромади бадастомада суди саҳмияҳоро тибқи талаботи моддаи 126 Кодекси андоз дар мӯҳлатҳои муқарраршуда ҳисоб ва ба буҷет пардохт намояд.

**САВОЛ: - Корхонаи мо ба фаъолияти фурӯши чиптаҳо нигаронида шудааст. Мо то чанд сомонӣ музди меҳнатро нишон дода метавонем?**

**ҶАВОБ:** - Тибқи қонунгузории Кодекси меҳнат корфармо ӯҳдадор аст, ки ба корманд музди меҳнатро барои ҳар моҳ дар ҳаҷми пурра пардохт намуда, мутобиқ ба муқаррароти Кодекси андоз онро дар ҳисоботи андозӣ воқеъбинона нишон диҳад.

Ҳамзамон, тибқи талаботи моддаи 23 Кодекси андоз ҳама гуна даромади гирифташуда, аз он ҷумла, даромади дар шакли музди меҳнат бадастовардаи шахси воқеӣ (ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ) бояд пурра андозбандӣ гардад. Инчунин, мувофиқи талаботи қисми 3 ҳамин модда барои дуруст муайян намудани ӯҳдадориҳои андоз мақомоти андоз ҳуқуқ доранд маблағи андозро дар асоси ҳолатҳои воқеии ошкоршуда, инчунин тибқи қисми 6 ҳамин модда дар асоси нишондодҳои иқтисодии қиёсшавандаи фаъолияти дигар андозсупорандагон, ки намудҳои шабеҳи фаъолиятро амалӣ менамоянд, ҳисоб намояд.

Аз ин лиҳоз, ҷамъияти шумо ӯҳдадор мебошад, ки дар ҳисоботи андозӣ музди меҳнати воқеан ба кормандони худ пардохтшударо нишон диҳад.

**САВОЛ: - Ба мо мафҳуми коргари кирояро мушаххас намоед.**



**ҶАВОБ:** - Мувофиқи қисми 2 моддаи 9 Кодекси андоз шахси воқеие, ки кори кирояро иҷро менамояд, бо мақсадҳои андозбандӣ "корманд" номида шуда, шахсе, ки ҳаққи хизматрасонии чунин шахсро мепардозад, «корфармо» ва чунин пардохт «музди меҳнат» муайян шудааст.

Тибқи талаботи боби 4 Кодекси меҳнат корфармо - шахси ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагиҳои он, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шахси воқеӣ, ки тибқи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи бо корманд бастан ва қатъ намудани шартномаи меҳнатиро доранд.

Дар боби 16 Кодекси андоз тартиби муайян намудани объекти андозбандӣ, манбаи андоз даромадҳои дар шакли музди меҳнат гирифташуда меъёрҳои андоз аз даромад, муайян шудааст.

Илова бар ин, тибқи талаботи боби 33 Кодекси андоз аз маблағи музди меҳнати коргарони кироя андози иҷтимоӣ барои суғуртакунандагон бо меъёри 25 фоиз ва барои суғурташудагон 1 фоиз ҳисоб карда, ҳар моҳ ҳисоботи онро пешниҳод ва маблағи дахлдорро пардохт менамоянд.

## НИШАСТИ МАБУОТӢ

# Ошкоршавии 88 миллион сомонӣ зарари молиявӣ



**18-уми июли соли равон раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарахон Чиллазода дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки кормандони ин ниҳод соли равон зимни гузаронидани 156 санҷиши аудиторӣ дар вазорату идораҳо, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ, марказ ва гурӯҳҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, бонкҳо ва дигар муассисаҳои буҷетӣ 88,3 миллион сомонӣ зарари молиявиро ошкор намуданд.**

Номбурда қайд намуд, ки аз маблағи умумии зарари молиявии ошкоргардида 4,4 миллион сомонӣ хароҷоти ғайриқонунии пулию молӣ, 3,7 миллион сомонӣ камомаду тасарруфи воситаҳои пулию молӣ, 37,1 миллион сомонӣ талафи воситаҳои пулию молӣ, 30,9 миллион сомонӣ маблағи кам ҳисобгардида ва рӯйпӯшнамудаи андозҳо, 11,4 миллион сомонӣ изофанависӣ дар корҳои таъмиру сохтмон, 273,7 ҳазор сомонӣ зарар аз фурӯш ва иҷораи амволи давлатӣ ва 438,9 ҳазор сомонӣ пардохт накардани маблағи суди саҳмияҳоро ташкил медиҳад.

Дар ин давра аз ҷониби кормандони Палатаи ҳисоб барои бартараф намудани камбудию норасоиҳои зимни санҷишҳо ошкоргардида, тадбирҳои мушаххас андешида, ба буҷет ва муассисаю ташкилотҳо зарари молиявӣ ба маблағи 41,1 миллион сомонӣ барқарор карда шудааст.

Қайд гардид, ки дар рафти санҷишҳои аудиторӣ бақияпулиҳои андоз ба маблағи 1,1 млн. сомонӣ, зиёдомади молу маводи арзишманд 906, 1 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби дигар манбаъҳо 109,1 ҳазор сомонӣ ба буҷет ва ташкилоту муассисаҳо барқарор гардида, маблағгузории сметаҳои хароҷоти ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ба қадри 1,1 млн. сомонӣ кам карда шудааст.

Дар охир кормандони масъули Палатаи ҳисоб ба суолҳои рӯзноманигорон посух доданд.

**М. ҶУМЪА**

## АНДОЗ ДАР ХОРИҶА

# Сокинони курорти маъруфи Зеландияи Нав ҷонибдори ҷорӣ кардани пардохти сайёҳӣ мебошанд

**Сокинони шаҳри курортии Куинстауни Зеландияи Нав ба ҷонибдории ҷорӣ намудани андоз барои сайёҳон раъй додаанд.**

Идеяи андози навро дар раъйпурсие, ки дар марказҳои сайёҳии Зеландияи Нав барпо гашт, 81% аҳолии шаҳр ҷонибдорӣ намудаанд.

Тавре гуфта мешавад, андози навро «барои кроват» меноманд, яъне андозро он одамоне пардохт мекунанд, ки дар меҳмонхонаҳои курорт ҷой мегиранд.

Соли гузашта ба Куинстаун 3,3 миллион сайёҳон сафар кардаанд.

Хотирнишон мекунем, ки чанде пеш ҳукумати Зеландияи Нав дар ҳаҷми 35 доллари ИМА барои ҳамаи сайёҳони хориҷӣ андози сайёҳӣ ҷорӣ намуд. Андози мазкурро сокинони Австралия ва ҷазираҳои уқёнуси Ором пардохт намекунанд.

**https://ria.ru**

# Муоинаи қалбакӣ

## ё ба омода кардани варақаи муоинаи техникии қалбакӣ барои ронандагон кӣ мусоидат мекунад?

**Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳудудии андоз ҷиҳати пешгирӣ аз қонуншиканиҳо пайваста чораҷӯӣ менамояд.**

Тавре сардори шуъбаи Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собирҷон Исоев аз натиҷаи корҳои таҳлилӣ иттилоъ дод, дар рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) расиди пардохтшудаи андоз аз воситаҳои нақлиёт, ки дар дасти сокини деҳаи Қалъаи Дӯсти ноҳияи Деваштич Хуррамҷон Рузибоев қарор дошт, шубҳа пайдо гардид ва бо истифода аз маълумоти барномаи компютерӣ муайян шуд, ки аз ҷониби номбурда барои соли 2019 андоз аз воситаҳои нақлиёт умуман пардохт нагардидааст.

Бояд қайд намуд, ки расиди пардохти бонкии андоз аз воситаҳои нақлиёте, ки ҳамроҳ бо ҳуҷҷатҳои дар бораи аз муоинаи ҳатмии техникӣ гузаштани воситаи нақлиёти Х. Рузибоев нигоҳ дошта мешуд, муайян гардид, ки расиди мазкур бо қайди «Нусха» ба Филиали қисми амалиётии №04 нуқтаи қабули маблағҳои “Амонатбонк” дар ноҳияи Сино (хазинаи назди РБДА дар шаҳри Душанбе) тааллуқ дошта, амалиёти мазкур санаи 19 апрели соли 2019, №2656/184 аз ҷониби хазинадори нуқтаи мазкур Бердиев Муҳаммад ба анҷом расидааст. Маълумоти дар расиди бонкии қайдшуда ба Х. Рузибоев тааллуқ дошта бошад ҳам, аммо дар расид ба ҷои РМА-и Х. Рузибоев РМА-и дигар нафар қайд шудааст.

Тавре аз махзани маълумоти Кумитаи андоз бармеояд, РМА-и мазкур ба шаҳрванд Тоҷибоев Умед Баҳридинович, истиқоматкунандаи ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе тааллуқ дошта, аз ҷониби номбурда дар нуқтаи хизматрасонии мазкур санаи 20 апрели соли 2018 бо рақами расиди №2656/184 ба маблағи 440,0 сомонӣ аз соҳибони воситаҳои нақлиёт пардохт шудааст.

Таҳлилҳо ва муқоисаи расиди пардохтшуда нишон доданд, ки нусхаи расиди аз ҷониби У. Тоҷибоев ба хазинаи «Амонатбонк» пардохтшуда, бо истифода аз барномаи махсуси компютерӣ таҳрир гардида, бо иваз намудани ному насаби пардохткунандаи маблағ, суроғаи зист, тамғаи воситаи нақлиёт, рақами қайди давлатӣ ва соли пардохт, расиди пардохти бонкии мазкур ба таври сохтакорона бо тағйир додани соли пардохт (20.04.2018 ба 20.04.2019) ба номи Х. Рузибоев ба расмият дароварда шудааст.

Инчунин, аз рӯи нусхаи шиносномаи шаҳрвандӣ ва махзани маълумоти Кумитаи андоз маълум гардид, ки дар расиди қалбакӣ насаб, ном ва номи падари шаҳрванд нодуруст навишта шудааст, ки аз сохтакорона будани ҳуҷҷати мазкур дарак медиҳад. Яъне, ба ҷои номи аслии ӯ - Рузибоев Хуррамҷон Хушвахтбоевич дар расиди пешниҳодгардида Рузибоев Хурамҷон Хушвахтович дарҷ гардидааст. Ҳол он ки ҳангоми аз ҷониби шаҳрвандон ва андозсупорандагон дар нуқтаҳои хизматрасонии БДА «Амонатбонк» пардохт намудани маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳо ба буҷет бо пешниҳод намудани РМА ва ворид намудани РМА-и мазкур дар барномаи компютерии Қабули пардохтҳо аз операторони «Амонатбонк» маълумот оид ба насаб, ном ва номи падари андозсупоранда ба таври автоматӣ ташаккул меёбад ва таъкид бояд кард, ки ворид намудани тағйирот аз ҷониби операторони «Амонатбонк» дар расиди мазкур ғайриимкон мебошад.

Ёдовар мешавем, ки шаҳрванд Рузибоев Хуррамҷон Хушвахтбоевич, ҳамчун соҳибкор тибқи патент дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шуда, дар ноҳияи Деваштич ба хизматрасонии нақлиётӣ - кашонидани борҳо машғул аст.

Чуноне ки аз баёноти Тоҷибоев Умед бармеояд, ӯ то давраи соли 2018 як адад воситаи нақлиёти тамғаи ВАЗ 21010 доштааст ва тибқи боваринома онро моҳи апрели соли 2018 ба дигар шахс бегона намудааст. Айни замон ӯ муваққатан бекор буда, ягон адад воситаи нақлиёт надорад.

Ҳамзамон, номбурда зикр мекунад, ки дар вақти мошин доштанаш нусхаи расид ва ҳуҷҷат дар бораи муоинаи техникии воситаи нақлиёташро ба ягон нафар надодааст. Ҳамчунин, шаҳрвандон Хуррамҷон Рузибоев ва Отараҳим Абдуллоевро намешиносад.




Аммо, Х. Рузибоев дар баёноташ овардааст, ки воситаи нақлиёти боркаши Камаз, рақами қайди давлатиаш TJ 5983 KO 02,-ро соли 2018 аз шаҳри Хуҷанд харидааст ва то лаҳзаи харидорӣ воситаи нақлиёти мазкур аз муоинаи ҳатмии техникӣ гузаштааст ва андоз аз воситаи нақлиёти он аз ҷониби соҳиби пештараи ӯ ба буҷет пардохт гардидааст.

Бо фаро расидани давраи муоинаи ҳатмии техникӣ Х. Рузибоев дар моҳи апрели соли 2019 бо мақсади гузаштан аз муоинаи ҳатмии техникӣ ба шаҳри Истаравшан рафта, бо шаҳрванд Отараҳим Абдуллоев вомехӯрад. О. Абдуллоев ба Х. Рузибоев пешниҳод мекунад, ки 1200 сомонӣ диҳад ва ҳуҷҷатҳояшро ба тариқи Вайбер (Viber) ба телефони мобилиаш равон кунад, кифоя. Ӯ дар муҳлати кӯтоҳ ҳуҷҷатҳои зарурии оид ба муоинаи техникӣ омода хоҳад кард.

Х. Рузибоев маблағи зикршударо дар шакли нақдӣ ба О. Абдуллоев медиҳад ва баъд аз як рӯз ҳуҷҷатҳои зарурии дар хусуси аз муоинаи ҳатмии техникӣ гузаштани воситаи нақлиёташ аз суроғаи ҷ/д «Чорбоғ»-и шаҳри Истаравшан аз номбурда мегирад.

Дар натиҷаи корҳои таҳлилию назоратӣ ва коркарди махзани маълумоти Кумитаи андоз муайян шуд, ки расиди пардохти бонкӣ ва варақаи махсуси аз муоинаи техникӣ гузаштани воситаи нақлиётро, дар ҳақиқат, сокини шаҳри Истаравшан Отараҳим Абдуллоев ғайриқонунӣ омода кардааст. Ҳамчунин, муайян шуд, ки номбурда ҳамзамон роҳбари Хоҷагиии деҳқонии «Орзу 2» буда, дар мақомоти андоз санаи 25.07.2015 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки аз ҷониби Абдуллоев Отараҳим Қаюмович, дар баробари ба таври сохтакорона омода намудани расиди пардохти бонкии андоз аз воситаҳои нақлиёт, инчунин варақаи махсус, ки аз ташхиси техникӣ ва муоинаи ҳатмии техникӣ гузаштани воситаи нақлиётро тасдиқ менамояд, омода шудааст.

Аз ин бармеояд, ки ҳолати зикршуда амали аввалини Отараҳим Абдуллоев нест ва шояд аз ин амали ғайриқонунии ӯ нафарони дигар истифода кардаанд.

Хулоса, кормандони мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонистанд, ки дар якҷоягӣ қонуншикании чанд нафарро дар омода кардани ҳуҷҷатҳои вобаста ба гузаштан аз муоинаи ҳатмии техникии воситаи нақлиёт ва пардохти андоз аз воситаҳои нақлиёт ошкор ва пешгирӣ кунанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

## ЭЪЛОН

### АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ МУҲТАРАМ!

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани хизматрасониҳо ба андозсупорандагон, инчунин кам намудани муносибати корманди мақомоти андоз бо андозсупорандагон, аз 01.06.2019 дар Кумитаи андоз боз як шакли хизматрасонӣ, аз ҷумла тавассути модули «Утоқи шахсии андозсупоранда» тартиб додани санади муқоисавӣ дар шакли электронӣ таҳия ва мавриди истифода қарор дода шуд.

Бинобар ин, андозсупорандагон метавонанд, минбаъд аз хизматрасонии мазкур истифода намуда, санади муқоисавиро дар шакли электронӣ тартиб диҳанд.

Дар ҳолати пайдо гардидани мушкилӣ ва гирифтани маълумоти муфассал ба Маркази тамоси Кумитаи андоз бо телефони 151 муроҷиат намоед.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Счетная палата предлагает изменить механизм исчисления налога с дорогих авто

**Начисление транспортного налога с повышающим коэффициентом вызвало вопросы у аудиторов ведомства.**

Начисление транспортного налога с повышающим коэффициентом вызывает вопросы, заявили в Счетной палате. Он действует для авто стоимостью от 3 млн руб.

Список дорогостоящих автомобилей каждый год размещает Минпромторг на официальном сайте.

«В нем не оказалось таких представителей премиального класса как Tesla Motors Model S, Mercedes Benz S63 AMG 4MATIC Limousine L и Bugatti Veyron Grand Sport. А для некоторых “списочных” машин повышающий коэффициент не применяется в первый год выпуска», — отмечает Счетная палата.

«Мы результаты рассматривали вместе с налоговой службой и пришли к общему мнению, что нужно совершенствовать механизм исчисления налога с дорогостоящих автомобилей. Сделать его более простым, логичным, чтобы кому положено, тот и платил повышенные ставки налогов», — сообщил аудитор ведомства Сергей Штогрин.

http://taxpravo.ru

# Санҷиш ошкор намуд

**Дар асоси талаботи моддаи 8 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти соҳибкорӣ барои мақсадҳои андозбандӣ фаъолияти мустақиле дониста мешавад, ки таҳти таваккали худи шахсоне, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бояд ба ҳамин сифат ба қайди давлатӣ гирифта шаванд, амалӣ карда мешавад ва барои ба даст овардани фоидаи (даромади, ҷуброни) мунтазам аз истифодаи молу мулк, фурӯши молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасонӣ равона гардидааст.**



Боиси таассуф аст, ки бо вуҷуди анҷом додани корҳои зиёди фаҳмондадиҳӣ баъзе шаҳрвандон то ҳанӯз ба моҳияти қонунгузории андоз сарфаҳм нарафта, ё сарфи назар карда ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғул мешаванд.

Танҳо дар як санҷиши амалиётии андоз, ки тибқи амрномаи сардори Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода таҳти № 85 аз 05 04 2019 то 20 04 2019 дар бозори маркази шаҳри Турсунзода гузаронида шуд, фаъолияти 75 нафар андозсупоранда, аз ҷумла 7 нафар шахси ҳуқуқӣ ва 58 нафар соҳибкори инфиродӣ мавриди санҷиш қарор ёфта, 10 ҳолати бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани шаҳрвандонро ошкор сохт. Дар рафти санҷиш нисбати 6 нафар андозсупоранда бо дастрасии моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмин накардани нигоҳдории ҳуҷҷатҳои вобаста ба истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ, аз ҷумла лентаҳои назоратӣ ба маблағи 17600 сомонӣ ва 10 нафар соҳибкори инфиродӣ бо моддаи 617 барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ бидуни бақайдгирии давлатӣ ба маблағи 16500 сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуданд. Инчунин 4 нафар бо шаҳодатномаи соҳибкорӣ ва 6 нафар бо патент таъмин гардиданд ва дар маҷмӯъ маблағи умумии андозҳои ҳисобшуда 33720 сомониро ташкил дод.

Дар рафти санҷиши амалиётӣ, ҳамчунин муайян шуд, ки панҷ нафар андозсупоранда дар ҳисоботи ба мақомоти андоз пешниҳоднамудаи худ андози иҷораи амволро ба маблағи 2020 сомонӣ кам нишон додаанд. Аз ин рӯ, нисбати ин андозсупорандагон ба маблағи 2020 сомонӣ эъломияҳои иловагӣ ҳисоб гардида, маблағи номбурда пурра ба буҷа пардохт карда шуд.

**Чанд мисол.** Соҳибкори инфиродӣ Улуғбек Холбеков ба тайёр ва фурӯши таомҳои миллӣ машғул буда, чанд моҳ пеш аз ҷониби кормандони мақомоти андоз барои ба мизоҷон мунтазам надодани чиптаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ огоҳ карда шуда буд, вале ӯ амалҳои ғайриқонунии худро идома дод. Номбурда, ҳамчунин, се нафар коргари кирояро бидуни бастани шартномаи меҳнатӣ ва гузоштани қайд дар мақомоти андоз ба кор ҷалб намуда, бо мақсади гурехтан аз пардохти андози даромади шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоӣ найранги навбатиро кашф намуд. Дар натиҷа, сираш ошкор гардид. Ӯ худи ҳамон рӯз ба мақомоти ҳудудии андоз ба маблағи 1540 сомонӣ эъломияи иловагӣ пешниҳод намуд.

Дар санҷиши амалиётӣ дар фаъолияти соҳибкор Убайдулло Алимуродов низ камбудиҳо ошкор шуданд. Убайдулло арз намуд, ки мизоҷони ошхона ниҳоят каманд ва аксар вақт хӯрокҳои тайёрнамуда шабмонда мешавад. Дар чунин фасли гармо онро дар рӯзи дигар истифода намудан ғайриимкон аст. Даромади мегирифтаамон хароҷоти ҳаррӯзаро намепӯшонад. Дар як рӯз 350-400 сомонӣ савдо мекунему халос, - иброз намуд Убайдулло Алимуродов.

Аъзоёни гурӯҳ муайян намуданд, ки дар ошхона 8 нафар кор мекунанду ҳар кадом ба ҳисоби миёна 1000 сомонӣ маош мегиранд. Дар рафти азназаргузаронии ҳуҷҷатҳои соҳибкории У. Алимуродов маълум шуд, ки 4 нафар коргарони кироя дар ҳисоботҳои ба мақомоти андоз пешниҳодмекардаи соҳибкор нишон дода намешаванд. Бинобар ҳамин, соҳибкор У. Алимуродов барои кирдори зерин ба маблағи 2265 сомонӣ ба мақомоти андоз эъломияи иловагӣ пешниҳод намуд.

Дар рафти санҷиш пинҳонкунии андоз аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ низ ошкор гардид. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Ориёнфарм" бо сабаби таъмин накардани нигаҳдории ҳуҷҷатҳои вобаста ба истифодаи МНХ-и дорои хотираи фискалӣ, аз ҷумла лентаҳои назоратӣ дар асоси моддаи 614 ба маблағи 4400 сомонӣ ҷарима шуд.

Фурӯшандаи мағозаи нӯшокиҳои спиртӣ Ҳусейн Шералиев низ бо мақсади пинҳон намудани маблағҳои андоз нигоҳдории ҳуҷҷатҳои вобаста ба истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ, аз ҷумла лентаҳои назоратиро ба ҳоли худ гузошта, дар ҳисоботи андозӣ маблағи ночизеро нишон медод. Вале дар рӯзи санҷиш аз тарафи гурӯҳи корӣ сирраш фош гардиду бо дастрасии моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4400 сомонӣ ҷарима шуд.

**М. ТАБАРЗОДА**

## ЭЪЛОН

### Муҳтарам андозсупорандагон!

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки аз соли 2013 сар карда, ба шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳо ва ҳисобот ба роҳ монда шудааст.**

Гузариш ба шакли электронии эъломия ройгон буда, барои дастрасӣ ба он ба мақомоти андоз нусхаи шиноснома, ваколатнома ва иқтибос аз Феҳристи ягонаи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар ҳолати гузариш ба тартиби пешниҳоди электронии эъломияҳо ва ҳисобот шумо имкон пайдо менамоед, ки аз ҳамаи 36 намуди хизматрасонии электронии Кумитаи андоз, аз ҷумла гирифтани маълумот аз ҳисобварақа оид ба ҳисоб ва пардохти андозҳо, бақияи қарзи андоз ва тартиб додани санади муқоисавӣ истифода намоед.

**Оид ба масъалаи гузариш ба шакли электронии пешниҳоди эъломия ва ҳисобот метавонед аз сомонаи Кумитаи андоз www.andoz.tj ва рақами телефонии 151 ё мақомоти ҳудудии андоз маълумоти иловагӣ дастрас намоед.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Ливерпуль планирует ввести туристический налог

**Городской совет британского Ливерпуля обсуждает перспективу введения туристического налога.**

Планируется, что собранные средства будут использованы для финансирования культурных мероприятий в городе, для создания рабочих мест и на поддержку образования.

Представители городского совета поясняют, что местное правительство проводит консультации по этому вопросу, изучает опыт других крупных городов.

Ранее СМИ сообщали, что сумма нового налога может составить за одну ночь в гостинице один фунт стерлингов, то есть примерно 86 рубле

**https://ria.ru**

## АНДОЗ ДАР ХОРИҶА

# Андози манзили ба сайёҳон иҷорадодашуда дар Исроил ду карат баланд бардошта мешавад

**Дар шаҳри Тел-Авив андоз барои манзили ба сайёҳон ба муддати дар як сол зиёда аз се моҳ ба иҷорадодашуда эҳтимол ду маротиба баланд бардошта шавад.**



Баланд бардоштани андоз аз ҷониби шаҳрдорӣ пешниҳод шуда, шӯрои шаҳр дар ин бобат қарори дахлдор қабул мекунад.

Тӯли солҳои охир миқдори манзилҳое, ки дар шаҳри Тел-Авив ба воситаи онлайн-сервисҳо, броннамой ба мӯҳлати кӯтоҳ ба иҷора дода мешаванд, ба таври чашмрас афзудааст. Ҳамин ҳолат боиси баланд шудани нархи манзили иҷора барои сокинони маҳаллӣ гашта, метавонад тарзи ҳаёти онҳоро комилан тағйир диҳад, гуфта мешавад дар пешниҳоди шаҳрдорӣ.

Барои ҳалли мушкили мазкур ва коҳиш додани миқдори манзилҳои ба сайёҳон ба иҷорадодашаванда шаҳрдорӣ пешниҳод намудааст, ки меъёри андози амволи ғайриманқул зиёда аз ду маротиба баланд бардошта, аз 14,3 доллар (нишондиҳандаи миёна дар шаҳр) то 33,1 доллар барои як метри мураббаъ баланд муқаррар шавад.

Солҳои охир шумораи сайёҳон ба Исроил қариб 40% афзудааст. Миқдори манзилҳое, ки ба сайёҳон ба иҷора дода мешавад охири соли 2018 ба 7500 адад расидааст.

**Манбаъ: https://ria.ru**

# Тақвияти корҳо

**Санаи 20 июли соли 2019 бо иштироки намояндагони мақомоти андоз дар ҶДММ "Бозори Меҳргон" семинар-машварат баргузор гардид.**

Саравал сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ бо андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе И. Муродҳусейнов баромад намуда, қайд кард, ки фаъолияти соҳибкорӣ яке самтҳои муҳими иқтисодиёти давлат ба ҳисоб меравад. Бояси қаноатмандист, ки имрӯз шумораи соҳибкорон афзуда, онҳо дар рушди иқтисод ва ғанювати буҷет саҳми калон гузошта истодаанд.

Баъдан, сармутахассиси шуъбаи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳри Душанбе Ш. Бойназарова баромад намуд. Номбурда қайд кард, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013 таҳти №493 бақайдгирии давлати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба роҳ монда шудааст ва андозсупорандагон метавонанд тариқи электронӣ аз бақайдгирии давлатӣ гузаранд.

Дар идомаи семинар-машварат сармсутхассиси гурӯҳи тавзеҳотӣ ва хизматрасонӣ бо андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Ҷ. Зокирзода қайд намуд, ки ҷиҳати тақвият додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва бо тартиби муосир ба роҳ мондани саволу ҷавоб бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2017, таҳти №507 "Тартиби пешниҳоди машварат дар низоми вақти мустақим (онлайн) бо истифодаи "Чат" дар Кумитаи андоз" роҳандозӣ гардидааст ва андозсупорандагон метавонанд аз ин тартиб самаранок истифода намоянд.

Дар охир намояндагони мақомоти андоз ба саволҳои иштирокчиёни семинар-машварат ҷавобҳои қонеъкунанда доданд.

# Ҳамкории зич

Кормандони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани фарҳанги андозсупорандагон ва сари вақт огоҳ намудани онҳо аз тағйиру иловаҳои ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда имрӯзҳо бо соҳибкорон семинар-машварат гузаронида истодаанд. Ҳамин гуна семинар-машварат санаи 19 июли соли 2019 бо иштироки намояндагони мақомоти андоз, маъмурият ва соҳибкорони ҶДММ "Бозори Корвон" баргузор гардид.



Саравал, сармутахассиси шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе И. Муродҳусейнов дар бораи имтиёзҳо ва шароити фароҳамшуда ба соҳибкорон сухан кард. Баъдан, мутахассиси бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ноҳияи Фирдавсӣ С. Ниёзов аз қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013 таҳти №493 ёдовар шуда, қоидаҳои гузаронидани бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродиро шарҳ дод. Ба андозсупорандагон фаҳмонида шуд, ки бе бақайдгирии давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан дар асоси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарима пешбинӣ шудааст.

Мутахассиси Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Б.Рустамов дар бораи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №451 "Дар бораи қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд" суханронӣ кард.

Сипас, сармутахассиси гурӯҳи тавзеҳот ва хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Ҷ. Зокирзода таъкид кард, ки соҳибкороне, ки бо патент фаъолият мекунанд, дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2017 бояд барои бақайдгирии давлатӣ дар баробари ариза, расиди бонкӣ, нусхаи шаҳодатномаи шахсӣ, РМА-ро пешниҳод намоянд.

Дар охир миёни соҳибкорон ва кормандони мақомоти андоз саволу ҷавоб сурат гирифт.

И. Муродҳусейнов семинар-машвараторо ҷамъбаст намуда, ба соҳибкорон минатдории роҳбарияти Раёсати андоз дар шаҳри Душанберо расонид. Зикр шуд, ки мақомоти андоз ҳама вақт барои кӯмак ва корҳои фаҳмондадиҳӣ ба андозсупорандагон омода ҳастанд.

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

# Ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ чист ва бо кадом мақсад роҳандозӣ карда мешавад?

**Ба ин савол мутахассиси пешбари шуъбаи таҳлил ва рушди хизматрасониҳои молиявии рақамии Идораи низоми пардохти Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс АБДУҒАНИЕВ чунин посух дод:**

- Ҳисоббаробаркунии (пардохтҳои) ғайринақдӣ ин анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳо байни пардохткунанда ва гирандаи маблағ бе истифодаи пули нақд мебошад, ки бо роҳи интиқоли маблағ тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ, аз ҷумла кортҳои пардохтии бонкӣ, Интернет-бонкинг, бонкдории мобилӣ, ҳамёнҳои электронӣ ва дигар воситаҳои электронии пардохтӣ амалӣ карда мешавад. Воситаҳои электронии пардохтӣ ҳамчун василаи самараноки ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дорои як қатор афзалияту бартариҳо мебошанд, ки ба таври зайл метавон онро шарҳ дод:

- барои муштарӣ: осону қулай анҷом додани ҳисоббарорбаркунӣ, аз ҷумла дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ, хавфи ночизи аз даст додани маблағҳои пулӣ, ҷозибии молиявӣ (масалан, ҳисоби фоиз) ва ғайра;

- барои марказҳои савдо ва хизматрасонӣ: рушди савдо ва ҷалби харидорони нав, камшавии хароҷот аз инкассатсияи маблағҳои савдо;

- барои бонкҳо: васеъ намудани маҷмӯи хизматрасониҳо, ҷалби муштариёни нав, афзоиши иқтидори рақобатпазирии бонк, ҷамъоварии ҳаққи хизмати иловагӣ ва ғайра.

Таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ, таҳлилу тадқиқоти гузаронидаи институтҳои бонуфузи байналмилалӣ ва бонкҳои марказӣ нишон медиҳад, ки истифодаи оммавии воситаҳои электронии пардохтӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо ба шаффоф гардидани ҷараёнҳои молиявӣ, коҳиш ёфтани ҳаҷми иқтисодиёти ғайрирасмӣ, афзоиши воридоти маблағҳои андоз ва ба зиёдшавии ҳаҷми амонатҳо мусоидат менамояд.

Зикр намудан зарур аст, ки ба таври ғайринақдӣ анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳо ҳангоми харидӣ молу хизматрасониҳо муомилоти пулии муассисаҳои савдою хизматрасониро шаффоф мегардонад. Яъне, дар мавриди ба таври ғайринақдӣ анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳо пинҳон намудани амалиёти пулии муассисаҳои савдою хизматрасонӣ ғайриимкон мегардад. Бинобар ин, як қисми соҳибкорон (муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ) бо сабаби набудани имтиёзҳои андозӣ ҳангоми гузаронидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, барои нишон додани муомилоти пулӣ ва даромадҳои аслии худ ҳавасманд набуда, ҳисоббаробаркуниҳоро танҳо ба таври нақдӣ анҷом медиҳанд.

Дар ин маврид, зиёд будани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ дар муомилоти пулӣ мутаносибан ҳиссаи иқтисодиёти пинҳониро афзоиш дода, ҷараёнҳои молиявиро ношаффоф мегардонад ва воридшавии маблағҳои андозиро ба буҷети давлат коҳиш медиҳад. Аз тарафи дигар, омили мазкур фишорҳои таваррумӣ ва қурбиро афзун менамояд ва босамар татбиқ гардидани сиёсати пулию қарзӣ ва асъории давлатро мушкил месозад.

Дар хусуси корҳои дар ин самт анҷомдодашуда метавон зикр намуд, ки айни замон барои ривоҷу равнақ додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар мамлакат қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ» ва «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» қабул гардидаанд. Баҳри иҷрои қарорҳои зикргардида Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои қарзӣ мунтазам ҷаласаҳои корӣ гузаронида, масъалаи ба ҷомеа дастрас намудани имконияти ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани молу хизматрасониҳо, аз ҷумла, хизматрасониҳои пулакии давлатӣ ва мушкилиҳои ҷойдоштаро дар ин самт муҳокима менамоянд.

Мақомоти давлатӣ якҷо бо ташкилотҳои қарзӣ вобаста ба иҷрои супоришҳои дар ин самт додашуда корҳои зарурииро анҷом дода, айни замон як қатор хизматрасониҳои қабули пардохтҳои ғайринақдиро тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ мавриди истифода қарор дода истодаанд.

Таҳти сарпарастии Бонки миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои қарзӣ ва маркази протсессингии НПМ «Корти миллӣ«»-и Бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон «Амонатбонк» бо дарназардошти талаботи Кумитаи андоз қабули андозҳо ба таври ғайринақдӣ бо истифодаи кортҳои пардохтии НПМ «Корти миллӣ» тавассути шабакаи Интернет ба роҳ монда шуд. Айни замон андозсупорандагон метавонанд 24 соат дар як шабонарӯз ва 7 рӯз дар як ҳафта ба нуқтаҳои хизматрасонии бонкӣ ҳозир нашуда маблағи андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин, воситаҳои нақлиёт ва боҷи давлатиро бо истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ («Корти миллӣ» ва Visa) тавассути сомонаи Кумита дар шабакаи Интернет пардохт намоянд.

Дар нимсолаи якуми соли равон аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, дар маҷмӯъ, 3 ҳазору 261 адад терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ насб гардида, ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 28,1 фоизӣ 715 адад зиёд мебошад. Илова бар ин, як қатор ташкилотҳои қарзии молиявии ватанӣ технологияҳои муосири пардохтӣ, аз қабили бонкдории мобилӣ, Интернет-бонкинг, пардохтҳо тавассути QR-рамз ва маблағҳои электрониро татбиқ намуда, ба аҳолӣ имконияти осону қулай ва ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани молу хизматрасониҳоро пешниҳод намуда истодаанд.

Дар натиҷа, дар нимсолаи якуми соли 2019 тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ, дар маҷмӯъ, 17,1 млн. адад амалиёти ғайринақдӣ ба маблағи 367,8 млн. сомонӣ гузаронида шуданд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 аз рӯи шумора 34 маротиба ва аз рӯи ҳаҷми амалиётҳои гузаронидашуда 65,3 фоиз зиёд мебошад.

# ПУРСИШНОМА

## вобаста ба таҳияи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав

*Махфияти пурсишнома нигоҳ дошта мешавад*

**Андозсупорандаи муҳтарам,**

Тибқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо кормандони молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо 10.05.2019 баён гардидаанд, ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.06.2019, №АП -1236 дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба таҳияи Кодекси андоз дар таҳрири нав таъсис дода шудааст.

Аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки бо мақсади муайян намудани андешаҳои шаҳрвандон - андозсупорандагон, субъектҳои соҳибкорӣ, ташкилоту муассисаҳо оид ба камбудӣ ва норасоиҳои дар Кодекси андози амалкунанда ҷойдошта ва дар таҳрири нави Кодекси андоз бартараф намудани онҳо таклифу пешниҳодҳои худро тибқи пурсишномаи мазкур ба Кумитаи андоз ирсол намоед.

Таклифу пешниҳодҳои шумо гурӯҳбандӣ карда шуда, ҳангоми таҳияи Кодекси андоз дар таҳрири нав дар Гурӯҳи кории байниидоравӣ баррасӣ карда мешаванд.

Аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки посухҳои худро ба пурсишнома то 01.09.2019 пешниҳод намоед.

***Эзоҳ: Барои иштироки фаъолонаатон дар пурсишнома изҳори сипос менамоем.***

### ПУРСИШНОМА

Ному насаб ё рақами телефони иштирокчии пурсишнома ______________________________

*(Агар иштирокчӣ хоҳиши махфӣ нигоҳдоштани ному насаби худро дошта бошад, пас ба ҷои ному насаб калимаи «Махфӣ» навишта мешавад)*

**Категорияи иштирокчӣ:** шахси ҳуқуқӣ ___; шахси воқеӣ ___.

Санаи тартиб додани пурсишнома «____»____________ соли 2019

1. Аз нигоҳи Шумо кадом муқаррароти Кодекси андози амалкунанда садди роҳи пешрафти фаъолияти соҳибкорӣ гардидааст ва ё барои рушди он монеа эҷод намуда истодааст?

| Номгӯи сархат, қисм, моддаи Кодекси андоз | Шарҳи ҳолатҳое, ки боиси садди роҳи пешрафти рушди фаъолияти Шумо гардида истодааст (дар Кодекси андози амалкунанда) | Пешниҳод барои бартараф кардани ҳолати ҷойдошта дар таҳрири нави Кодекси андоз | Асоснокзоии пешниҳод |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |

2. Кадом муқаррароти Кодекси андози амалкунанда миёни андозсупорандагон ва мақомоти андоз нофаҳмиҳоро ба миён меоранд?

| Номгӯи сархат, қисм, моддаи Кодекси андоз, ки дар он нофаҳмӣ ё номуайянӣ ҷой дорад | Бо кадом сархат, қисм, моддаи дигари Кодекси андоз мухолифат менамояд | Пешниҳод барои бартараф кардани мухолифат ва номуайянӣ | Асоснокзоии пешниҳод |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |

3. Дар ҳисоб ва пардохти андозҳо чӣ мушкилиҳо доред?

| Мушкилиҳои ҷойдошта | Заминаи ба миён омадаи мушкилиро дар чӣ мебинед? | Пешниҳод барои бартараф кардани мушкилиҳо |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |

4.Нисбати номгӯи андозҳои амалкунанда ва меъёрҳои онҳо фирку андешаҳои худро баён намоед.______
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

5. Андешаҳои шумо оид ба корҳои назоратии мақомоти андоз (санҷишҳои ҳуҷҷатӣ ва амалиётии андоз, назорати камералӣ, муоинаи хронометражӣ). ______________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

6.Барои пешгирии иқтисоди пинҳонӣ (фаъолияти соҳибкории ғайрирасмӣ), дар асоси қонунгузорӣ ба роҳ мондани андозбандии савдои электронӣ чӣ гуна таклифҳо доред? Вобаста ба пешгирии иқтисоди соягӣ дар Кодекси андоз дар таҳрири нав кадом муқаррарот пешбинӣ карда шавад? ______________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

7. Дар таҳрири нави Кодекси андоз маъмурикунонии андоз, аз ҷумла хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагонро, чӣ гуна дидан мехоҳед? ______________________________
______________________________________________________________________

*Эзоҳ: Тибқи муқаррароти Кодекси андоз маъмурикунонии андоз маҷмӯи чораҳои аз ҷониби мақомоти андоз амалишавандаи назорати андоз, маҷбуран ситонидани андоз нисбат ба уҳдадории андози дар мӯҳлаташ иҷронашуда, инчунин хизматрасониҳо ба андозсупорандагон ба ҳисоб меравад.*

8. Пешниҳод аст, ки барои тибқи қонунгузорӣ пеш набурдани ҳисобдории муҳосибӣ дар қонунгузорӣ ҷавобгарӣ пурзӯр карда шавад. Ба андешаи Шумо оё дар Кодекси андоз дохил намудани муқаррароти нав оид ба ҳамин масъала зарурат дорад? ______________________________
______________________________________________________________________

9. Дигар пешниҳодҳои Шумо барои таҳрири нави Кодекси андоз ______________________________
______________________________________________________________________

**Барои иштироки фаъолонаатон дар пурсишнома изҳори сипос менамоем.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

---

**НИШАСТИ МАБУОТӢ**

# Ҳаҷми миёнаи нафақа

**23-юми июли соли равон зимни нишасти матбуотии Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон директори ин ниҳод Дилмурод Давлатзода баён дошт, ки дар нимсолаи якуми соли 2019 ба Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 1 млрд. 366,2 млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 120,4 млн. сомонӣ зиёд аст.**

Ӯ илова намуд, ки ҷисми хароҷоти Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 1 млрд. 359,3 млн. сомониро ташкил додааст. Аз ҷумла, барои пардохти нафақаву кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ ва хароҷот дар корхонаву ташкилотҳо аз ҳисоби маблағҳои андози иҷтимоӣ, 1 млрд. 334,3 млн. сомонӣ равона гардидааст.

Теъдоди умумии нафақагирон дар ҷумҳурӣ ба ҳолати 1-уми июли соли ҷорӣ 699236 нафарро ташкил намудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 20139 нафар ё 3 фоиз афзоиш ёфтааст.

Ба гуфтаи директори агентӣ, аз рӯи ҷамъбасти нишондиҳандаҳо андозаи миёнаи нафақаҳо дар ин давра дар вилояти Суғд 292 сомониву 80 дирам, Хатлон 294 сомониву 40 дирам, ВМКБ 385 сомониву 80 дирам, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 286 сомониву 80 дирам, дар шаҳри Душанбе 408 сомониву 60 дирам ва дар маҷмӯъ дар ҷумҳурӣ 305 сомониву 30 дирамро ташкил дод.

Инчунин, зикр гардид, ки бо мақсади такмили низоми қонунгузории соҳа ва такмили тартиби пардохти нафақаҳо тариқи кортҳои бонкӣ дар давраи ҳисоботӣ дар доираи идомаи ислоҳоти соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 3 лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардидаанд, ки айни замон дар сатҳи мувофиқасозӣ қарор доранд.

Дар охир, рӯзноманигорон ба суолҳои худ посухҳои мушаххас гирифтанд.

# Ошкоршавии маҳсулоти пастсифат

**Зимни нишасти матбуотии Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Тоҷикстандарт), ки 22-юми июли соли равон баргузор гардид, қайд шуд, ки дар нимсолаи якуми соли 2019 дар 2212 ҳолат ба миқдори 1472822 кг маҳсулоти ғизоии гуногуни пастсифат ошкор ва мусодира шуд.**

Сардори Тоҷикстандарт Қудрат Давлатзода гуфт, ки 717839 кг маҳсулот аз ҷиҳати бехатарӣ ва 754983 кг аз рӯи тамғагузорӣ дар борҷомаашон ба талабот ҷавобгӯй набудаанд. Гуфта шуд, ки нисбати воридкунандагону истеҳсолкунандагони ин маҳсулот тибқи тартиби муқарраргардида чораҳои маъмурӣ андешида шуданд.

Инчунин, қайд шуд, ки дар озмоишгоҳи ташхисии маҳсулоти ғизоии Агентӣ аз рӯи сифату бехатарӣ ва тамғагузорӣ 693408 кг маҳсулоти гӯштӣ, 183889 кг равғани растанӣ, 8425 литр нӯшокиҳои спиртӣ, 7018 литр нӯшокиҳои ташнашикан, 52954 кг маҳсулоти қаннодӣ, 1867 кг маҳсулоти ширӣ, 154007 кг орди гандумӣ, 170010 кг меваи хушк 7862 дона тухми мурғ ва дигар маҳсулот, ки қисми зиёдашон маҳсулоти воридотӣ мебошанд, ғайристандартӣ дониста шудаанд.

Ҳамчунин, дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, таъмини риояи талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ дар раванди гузаронидани назорати давлатӣ дар субъектҳои хоҷагидори ҷумҳурӣ аз ҷониби ин ниҳод барои риоя накардани талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникӣ, вориду фурӯши маҳсулоти бесифат ва хатарнок, риоя накардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба маблағи умумии 1041695 сомонӣ ҷарима таъин гардидааст.

Дар охир, масъулини Агентии Тоҷикстандарт ба суолҳои хабарнигорон посух доданд.

# Қабули маблағҳо тариқи ғайринақдӣ

**Раиси Раёсати БДА «Амонатбонк» Сироҷиддин Икромӣ дар нишасти матбуотӣ, ки 23-юми июли соли равон баргузор гардид, гуфт, ки ба ҳолати 30-юми июни соли 2019 ба суратҳисобҳои транзитии буҷети давлатӣ андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ дар ҳаҷми 1293,6 млн. сомонӣ ва маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ дар ҳаҷми 1336,9 млн. сомонӣ ворид ва ба суратҳисобҳои марбута сари вақт гузаронида шуданд.**

Қайд гардид, ки раёсат дар якҷоягӣ бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдоми қабули маблағҳои андозҳоро бо истифода аз кортҳои пардохтии «Амонатбонк» ба таври ғайринақдӣ роҳандозӣ менамояд. Инчунин, дар самти ҷорӣ намудани технологияи қабули андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ аз аҳолӣ, дар ҳамбастагӣ бо мутахассисони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, то имрӯз 230 нуқтаи қабул дар марказҳои хизматрасонии филиалҳои «Амонатбонк» дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо истифода аз барномаи “Қабули пардохтҳо” фаъолият менамоянд.

Шумораи дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ ба беш аз 1 миллиону 606 ҳазор нафар расидааст, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2018-ум 204,8 ҳазор нафар зиёд мебошад. Теъдоди банкоматҳои харидашуда дар бонк ба 237 адад ва POS-терминалҳо ба 1380 адад расонида шудааст.

Сармояи бонк ба андозаи 10,2% афзоиш ёфта, ба 417,2 млн. сомонӣ баробар шуд. Даромади софи бонк дар ин давра 20,4 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 13,5% зиёд мебошад.

Дар охир, рӯзноманигорон ба суолҳои худ посух гирифтанд.

**М. ҶУМЪА**

**Бо 65 сомонӣ як сол «Боҷу хироҷ»-ро хонед**

**Воситаҳои ахбори оммаи кишвар яке аз унсурҳои ҷудонашаванда ва хеле муҳими давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон ба шумор меравад ва дар рушду нумӯи мамлакат нақши муассир доранд.**

Маъракаи обуна маъракаи муҳим буда, он дар тамоми давру замон чун кӯмак ба дастрасии ВАО ба аҳолӣ вуҷуд дошт. Обуна ягона роҳи боэътимоди дастрасии аҳолӣ ба иттилоот аст.

Ҳоло маъракаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ», ки ягона нашрияи иқтисодии ҷумҳурӣ махсуб мешавад, барои соли 2020 оғоз шудааст.

Ёдрас мешавем, ки нархи обуна ба ин рӯзнома, бо вуҷуди ҳамасола баланд шудани арзиши қоғаз, ҳаққи хизматрасонӣ ва дигар маводи чопӣ, имсол на баланд, балки хеле паст шудааст.

Идораи рӯзномаи «Боҷу хироҷ» имконияти моддию молиявии обунашавандаҳоро ба назар гирифта, чунин иқдом намуд. Яъне арзишеро муқаррар кард, ки нисбат ба нархи аксарияти рӯзномаҳои кишвар пасттар аст.

# Сайёҳон дар макони амн

## ЯК СОЛ ҚАБЛ ДАР ТОҶИКИСТОН МИЛИТСИЯИ САЙЁҲӢ ТАЪСИС ЁФТА, ИМРӮЗ ФАЪОЛИЯТИ ХУДРО ГУСТУРДА НАМУДААСТ




Як сол қабл, баъд аз ҳодисае, ки дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон ба вуқӯъ пайваст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон милитсияи сайёҳӣ ташкил шуд. Тавре қаблан иттилоъ додем, 29 июли соли гузашта дар шоҳроҳи ноҳияи Данғара ронанда – террорист ба гурӯҳи велосипедронон ҳамла кард, ки дар натиҷа 3 нафар дар ҷойи ҳодиса ва як нафар дар беморхона ба ҳалокат расиданд.

Имрӯз шуъбачаи милтсияи сайёҳӣ, ки дар назди шуъбаи экологии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, вазифааш таъмини бехатарии шаҳрвандони хориҷӣ дар қаламрави мамлакат ба шумор меравад, имконияттҳои худро тақвият бахшида истодааст.

Бояд тазаккур дод, ки имрӯз бехатарӣ яке аз омилҳои таъсиргузор дар рушди сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, дар Тоҷикистон ба хотири он ки барои шаҳрвандони хориҷӣ дар инҷо будан роҳат бошад, онҳо худро дар ҷойи амн эҳсос намоянд, ба инҷо ташриф оварда, аз мавзеъҳои фарҳангӣ, таърихию археологӣ ва дигар дастовардҳои он боздид намоянд, тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Маҳз дар ин мавзеъҳо, инчунин дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе ва истгоҳи роҳи оҳан нуқтаҳои милитсияи сайёҳӣ ифтитоҳ ёфтанд. Чанде пеш чунин нуқтаҳои хизматрасонӣ дар Қалъаи Ҳисор ва гузаргоҳи наздисарҳадии «Дӯстӣ»-и шаҳри Турсунзода ифтитоҳ гардиданд. Дар маросими ботантанаи ифтитоҳи онҳо намояндагони Вазорати корҳои дохилӣ, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор ва сайёҳони дохиливу хориҷӣ иштирок намуданд.

Нуқтаҳои хизматрасонӣ тасодуфан ифтитоҳ нагардида, балки ба инҷо сайёҳони дохиливу хориҷӣ бештар ташриф меоранд. Дар шашмоҳаи аввали соли равон ба шаҳри Ҳисор 44 ҳазору 794 сайёҳ ворид гардидаанд, ки аз инҳо 3 ҳазору 368 нафарашонро шаҳрвандони хориҷӣ ташкил медиҳад. Хусусан, аз мавзеи таърихии Қалъаи Ҳисор дар ин давра 20 ҳазору 835 нафар сайёҳ дидан кардаанд, ки аз онҳо 4 ҳазору 019 нафарашон хориҷиён мебошанд.

Айни замон милитсияи сайёҳӣ бо ҳамаи лавозимоти техникӣ таъмин гардида, дар ҳамаи вилоятҳои мамлакат фаъолият дорад. Он дар баробари ҳамкории зич бо Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкатҳои сайёҳии мамлакат кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки барои таъмини амнияти сайёҳон ва хизматрасонии босифат ба онҳо тадбирҳои иловагӣ андешад. Аз ҷониби шуъбача «Корт барои сайёҳон» ва «Шиноснома барои сайёҳон» омода гардида, дар шабакаҳои иҷтимоии «Фейсбук» ва «Инстаграмм» фаъол мебошад.

Тавре аз суҳбатҳо аён гардид, сайёҳони зиёде, ки аввалин маротиба ба мавзеъҳои таърихӣ ташриф овардаанд, аз онҳо таассуроти фаромӯшнопазир бардоштаанд.

«Солҳои зиёд мо орзу мекардем, ки ба мавзеъҳои ҷолиби Тоҷикистон сафар карда, бо ҳаёти шаҳрвандони мамлакати ҳамсоя шинос шавем. Ба назари ман, сол аз сол имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон зиёд гардида истодаанд», — зикр намуд Муҳаррама Носирова, сайёҳ аз шаҳри Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Ёдовар мешавем, ки милитсияи сайёҳӣ дар Тоҷикистон баҳри таъмини амнияти сайёҳон ташкил гардида, масъалаҳои роҳбаладии сайёҳон, ба онҳо додани маълумоти зарурӣ, расонидани кумак ба сайёҳони хориҷӣ, ҳифзи манфиати онҳо, пешгирии ҷинояткорӣ дар байни сайёҳон ва нисбат ба сайёҳонро ба уҳда дорад.

Тавре аз Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд, ҳамарӯза ба ин ҷузъи муҳими вазорат 100-200 нафар сайёҳ муроҷиат менамоянд. Кормандони шуъбачаи милитсияи сайёҳӣ дар давраи фаъолияти худ ба зиёда аз 200 ҳазор сайёҳи дохилӣ ва хориҷӣ хизмат расонидаанд.

**ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»**

**БАРОИ СОЛИ 2020 ОҒОЗ ЁФТ**

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**65 СОМОНӢ**

*нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»*

Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!



СУРОҒАИ МО:
ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:
р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408

## ЭЪЛОН

**МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сарфаи вақти корӣ ва бе ҳозир шудан ба нуқтаҳои хизматрасонии "Амонатбонк" қабули андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеиро дар шакли ғайринақдӣ тавассути POS – терминалҳо ба роҳ мондааст.

Хотиррасон мешавем, ки ҳангоми пардохт намудани маблағи андозҳо шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо чиптаҳои пардохт таъмин ва ҳамзамон маблағҳои пардохтшуда ба таври автоматӣ дар ҳисобварақаи онҳо сабт мегардад.

Аз ин лиҳоз, шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо истифода аз тартиби мазкур, метавонанд андозҳо аз молу мулки ғайриманқули худро минбаъд дар шакли ғайринақдӣ дар нозиротҳои андози маҳалли қайди худ бо истифода аз кортҳои бонкӣ пардохт намоянд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

**БА ДИҚҚАТИ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳрвандон ва соҳибмулконе, ки дорои объектҳои молу мулки ғайриманқул, ба монанди хонаҳои истиқоматӣ, ҳавлӣ, гаражҳо, биноҳо, иморатҳо, бӯстонсароҳо, дигар биною иморатҳо ва қитъаҳои замин мебошанд, хоҳиш менамояд, ки маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва замини наздиҳавлигии худро сари вақт ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

Хотиррасон менамоем, ки дар сурати пардохт накардани маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин рӯйхати шаҳрвандон ва соҳибмулкони аз андоз қарздор дар матбуоти даврӣ ба чоп мерасад ва ҳамчунин тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбати маблағҳои пардохтнашуда фоизҳо ҳисоб мегарданд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

**СОҲИБКОРОНИ МУҲТАРАМ!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31.08.2012, №451 шахси воқеие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад, уҳдадор аст фаъолияти худро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ дар асоси патент ва ё шаҳодатнома ба қайди давлатӣ гирад.

Бақайдгирӣ дар нозироти андоз имконият медиҳад, ки давраи фаъолияти шумо ҳамчун собиқаи корӣ ба ҳисоб гирифта шуда, тибқи тартиби муқаррааргардида ҳифзи иҷтимоиатон таъмин шавад.

Хотиррасон менамоем, ки дар асоси талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ бе бақайдгирӣ дар мақомоти андоз аз 30 то 40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне аз 1650 сомонӣ то 2200 сомонӣ ҷарима пешбинӣ гардидааст.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон**

# ЭЪЛОН!

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон музоядаи №9-ро эълон менамояд**

Ба таваҷҷуҳи хоҳишмандон расонида мешавад, ки молу мулки таҳти ҳабс қароргирифтаи КТ «Меликмуродов» (РМА 160000081)-и ноҳияи Шаҳринав бо нархи ибтидоии 862 752 (ҳаштсаду шасту ду ҳазору ҳафтсаду панҷову ду) сомонӣ такроран ба фурӯш гузошта мешавад.

Хоҳишмандон бо пардохти 5 фоиз пардохти кафолатӣ аз нархи ибтидоии молу мулк, дар музояда иштирок карда метавонанд.

Пардохти кафолатии ғолиби музояда ба нархи фурӯши молу мулк дохил карда мешавад.

Музояда санаи 8 августи соли 2019 соати 10:00 дар бинои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 42/2 баргузор мешавад.

Музояда бо усули англисӣ сурат мегирад.

**Номгӯи молу мулки таҳти ҳабс қарордошта:**

| № | Номгӯи молу мулк | Соли бароориш | Маҳалли ҷойгиршавӣ | Нархи ибтидоии фурӯш дар асоси хулосаи КВД оид ба нархгузорӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Бинои идораи хоҷагӣ | 1975 | Ноҳияи Шаҳринав, ҷ/д А. Ҳасанов, деҳаи Ҳаёти Нав | 862 752 сомонӣ |
| | **Ҷамъ** | | | **862 752 сомонӣ** |

**Телефонҳо барои тамос: 2-33-09-30**



АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## Оғози ислоҳоти андоз ва ташаккули заминаҳои низоми миллии андоз (солҳои 1992 – 1995)

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Масалан, дар Фаронса маблағи аксиз барои 1 литр шароб 22 сантим, 1 литр шампон 55 сантим, 1 литр оби ҷав (пиво) 19,5 сантим таъин гардидааст.

Зарурати таъин намудани маблағи аксизҳо ба фоиз дар нисбати нархи фурӯши мол аз кам будани воридот ба буҷет вобастагӣ дошт. Ин ҳодиса ба сабаби бесуботии вазъи молиявию иқтисодӣ, инчунин суръати баланди таваррум дар оғози давраи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ ба миён омад.

Андозҳои то соли 1995 амалкунанда бо дарназардошти шароити баланд будани сатҳи таваррум таҳия мегардиданд. Ҳангоме ки нархҳо дар тӯли моҳ 25 – 30 % зиёд мешаванд, истифода аз андозҳои мустақим касрати қисми даромади буҷет ба 35 – 40 % мерасад. Ин ҳодиса ба сабаби афзоиши хароҷот нисбат ба даромад рӯй медиҳад. Ҷорӣ шудани андоз аз арзиши изофа ин падидаи номатлубро ба тезӣ ба ҳаҷми ду баробар аз байн бурд; пас аз гузариш ба гирифтани андозҳои ғайримустақим дар ҳар як даҳрӯза, падидаи номатлуби зикршуда амалан аз байн рафт.

Барои иқтисодиёти таваррумии солҳои 1992 – 1995 низоми андоз ба таври кофӣ мутобиқшаванда буд. Андоз аз арзиши изофа бевосита ба нархи мол баста мешуд, ба истеъмолкунанда мерасид; аксизҳо аз ҳисоби истеҳсоли пинҳонкоронаи (ғайрилегалии) машрубот тақсим мегардид. Андоз аз даромади ашхоси воқеӣ, андоз аз амвол ва замин муътадил, ба ҳадди ақал буданд, вале андоз аз даромад нисбатан баланд буд, вале дар натиҷаи кор гирифтан аз баъзе имтиёзҳо мувофиқат ба миён меомад. Андозҳо миқдоран зиёд буданд, боз андозҳои нав ҷорӣ карда мешуданд, вале бо вуҷуди ин, маблағи онҳо дар даромади миллӣ коста мегардид, қисми даромади буҷет бо мушкилоти зиёде пурра карда мешуд. Ҷамъоварии андоз хеле паст буд, қарзи шахсони ҳуқуқӣ рӯз аз рӯз меафзуд. Чораҳо оид ба кам кардани карзҳои ашхоси ҳуқуқӣ бо роҳи баробар кардани ҳисобҳои байниҳамдигарӣ ва чораҳои дигар натиҷае намедоданд, барои иҷрои мунтазами қисми даромади буҷет мусоидат намекарданд. Ба сабаби зиёд будани миқдори андозҳо мақомоти андоз имконияти назорати пурра ва пардохти саривақтии онҳоро надоштанд. Ба замми ин, қонунҳои қабулшуда оид ба андоз ва санадҳои меъёрӣ (норматвӣ) пурра фаҳмову возеҳ набуданд, аз ин ҷост, ки баъзан саркашӣ аз андозсупорӣ ба назар мерасид. Аз ин ҷост, ки соли 1996 зарурати ҷустани тадбирҳо оид ба роҳҳои ислоҳоти низоми андоз мутобиқ бо дарназардошти шароити иқтисоди давраи гузариш ба миён омад.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ**
**«Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

## Микаэло: шогирдонам аз ман калонанд



Духтари хандонрӯ Микаэло Фудолигро ҳар нафаре, ки бори аввал бубинад, бовар мекунад, ки ӯ устоди Донишгоҳи Филиппин асту ба шогирдон дарс мегӯяд. Табиист, ки бештари шогирдонаш аз ӯ бузургтаранд.

- Дар оғоз аз шогирдони калонсолам хиҷолат мекашидам, аммо бо мурури замон одат кардам. Онҳо низ маро ҳамеша дастгирӣ мекунанд,- мегӯяд Микаэло.

Ӯ дар 11- солагӣ донишҷӯи Донишгоҳи Филиппин шуда, дар 16 – солагӣ хатм намуд. Бо пешниҳоди устодон омӯзгори донишгоҳ шуд. Ихтисоси ӯ физика ва математика буда, дар ин бахш рисолаи илмӣ дифоъ намудааст.

## СУХАНОНИ ҲАКИМОНА

Шодиро ҳадя кун, ҳатто ба касоне, ки онро аз ту гирифтанд, ишқ биварз ба онҳое, ки дилатро шикастанд, дуо кун барои онҳое, ки нафринат карданд.

xxx

Ҳамеша ҳарорат лозим нест, гоҳе аз сардии як нигоҳ метавон оташ гирифт.

xxx

Зиндагиро бояд оқилона шинохт, ошиқона паймуд ва орифона ба поён расонд.

xxx

Орзуву умед ҳамчун хун дар бадани одамӣ аст, ки агар набошад, қадаме ба пеш намеравад ва агар бошад, ҷаҳонеро дигаргун месозад.

xxx

Агар қуллаҳои сангҳои зери ҷӯи об набуд, чӣ гуна тараннуми зебоии обро мешунидем ва агар сахтиҳои зиндагӣ набуд, чӣ гуна хубиҳои онро ҳис мекардем.

## Панди рӯзгор

Пирамарде танҳо мезисту кунҷи хона зари зиёдеро пинҳон карда буд. Зуз- зуд ба он менигаристу ҳаловат дар дилаш меафзуд. Ҳамсояи зираку чапдасти ӯ аз ин воқиф гашта, зарро ба яғмо бурд. Бомдод ӯ дар маҳалла доду фарёд кард, ки тиллоҳояшро рабудаанд. Пирамарди рӯзгордидае аз ӯ пурсид:

- Он ҳама зар ба чанд муддат ҷамъ кардӣ?

Марди хасис ҷавоб гуфт:

- Ба чил сол.

Пирамард гуфт:

- Бирав ва ба ҷои он ҳама тилло чанд сангеро бигзор ва пиндор, ки зар аст. Туро чӣ фарқ аст. Зеро на худ онро истифода кардиву на ба касе раво дидӣ.

## (Оё медонед?)

■ Дар Чин муаллимон ба хонандагон иҷозат медиҳанд, ки вақти дарс 20 дақиқа хоб раванд, то маълумотро хубтар қабул намоянд.

■ Калимаи "модар" дар аксарият забонҳо бо ҳарфи "м" оғоз мешавад.

## Роҳи хатарнок



Атлантик – Роуд дар Норвегия манзараи зебое дорад. Бинобар ин, бо вуҷуди роҳи хавфнок буданаш, аксари ронандаҳо онро интихоб менамоянд. 8 километри роҳ аз нимҷазираҳои на чандон калон мегузарад. Мавҷҳои баҳр доимо ба он меафтанд. Роҳро оби шӯр пӯшонда, ба ҳаракати автомобил монеа эҷод мекунад. Аз ин рӯ, ба ронандаҳо лозим меояд, ки дар муқобили шамолҳои шадиду боронҳои сел истодагарӣ намоянд. Роҳ дар масофаи 30 метр ба қитъаи яхбастаи уқёнуси Атлантика ҳам наздик мешавад.

## Харбуза – ба чанд дард даво



**Дар табобати мардумии аҳди қадим харбузаро тару хушкмиҷоз, кушояндаи гиреҳҳо, поксозии меъдаю рӯда медонистанд.**

Тибби мардумӣ ба беморони бедармон ва камхун истеъмоли харбузаро мефармояд. Истеъмолашро ба шахсони маризии ҷубод (гепатит)-ашон гузашта ва қабзиятдор маслиҳат медиҳанд. Донаҳояшро кӯфта, ба об хуб сиришта, барои аз доғҳои кунҷитак ва рихинак пок сохтани рӯй истифода менамоянд. Барои муолиҷаи беморони зардпарвин ва санги гурда харбуза нафъ мерасонад. Дар муолиҷаи муосир харбузаро ҳамчун воситаи қувватбахш, пешоброн ва исҳоловар истифода мекунанд. Он, махсусан, барои давои қабзият, қубод, дарди артерияҳо (атеросклероз), камхунӣ ва ғайра манфиатбахш аст. Витаминҳои С ва РР-и таркибаш дарди артерияҳо, моддаҳои каротин ва оҳанаш камхуниро дармон мебахшад.

## Шумораи Ҳилтон дар ҷаҳон

Ба шабакаи Ҳилтон 5 ҳазор меҳмонхона дохил гардида, гардиши солонаи он зиёда аз 7 миллиард доллари ИМА - ро ташкил медиҳад.

Таърихи он аз иёлати Техаси ИМА оғоз меёбад. Соли 1919 ҷавони боғайрат Корнад Ҳилтон нахустин меҳмонхонаи худро мекушояд. Баъди муваффақиятҳои аввалин Корнад ба харидани меҳмонхонаҳои иёлат шурӯъ карда, онҳоро дар як шабака муттаҳид мекунад. Номбурда меҳмонхонаҳои "Русевелт" ва "Плаза" – и шаҳри Ню – Йоркро ҳам мехарад. Ӯ дар ҳудуди Амрико ва минтақаи уқёнусҳои Орому Атлантика меҳмонхонаҳои худро таъсис медиҳад. Соли 1954 Ҳилтон бо маблағи 111 миллион доллар меҳмонхонаи "Старлер ҳотел" – ро харида, ба шабакаи меҳмонхонаҳои худ мепайвандад. Айни замон зери бренди "Ҳилтон" дар тамоми ҷаҳон меҳмонхонаҳои зиёде фаъолият доранд, аз ҷумла дар пойтахти кишвари мо низ.

Боҷу хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; МЕЛИКЗОДА К.Н. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НУРЗОДА Ҷ. - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ВОҲИДОВ А. - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; НИГМАТОВ М. - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Мақсуди НЕЪМАТ

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, биноИ Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

► *Индекс: 68930*

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

Теъдод: 58 887